Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ЎЗБЕКИСТОН

2 феврали соли 2002. Шанбе № 9 (12752)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 18.15 имзо гардид.

Пазирой дар қароргоҳи Оқсарой

Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов 29 январ дар қароргоҳи Оқсарой ҳайати вакилонро таҳти сарпарастии ҷонишини Котиби давлатии ИМА оид ба мамлакатҳои Аврупо ва Евроосиё Элизабет Ҷонс пазируфт.

Президент Ислом Каримов ба муносибати ба Ӯзбекистон омадани чунин ҳайати вакилони баобрӯй аз ИМА, ҳамчунин гузарондани гуфтушунидҳои доманадор қаноатмандии худро баён сохт. Аз он ҷумла Президент гуфт:

— Мо онро ҳамчун тасдиқи саъю кӯшиши ИМА ба ҳосил шудани муносибатҳои нави сифатӣ бо Ӯзбекистон ва ифодаи манфиатдории мамлакати шумо дар бобати минбаъда таҳким бахшидани амният ва мӯътадилӣ дар минтақаамон арзёбӣ мекунем.

Дарҳақиқат, дар таркиби ҳайати вакилон таҳти сарпарастии Э.Ҷонс намояндагони соҳаҳои мухталиф буданд. Ҳангоми сафар ба мамлакати мо меҳмонон ба як қатор вазорату идораҳо рафта, гуфтушунидҳо ва машвратҳо гузаронданд. Ҳамаи он аз ин гувоҳӣ медиҳад, ки саъю кӯшиши Қасри Сафед дар бобати рушди муносибат бо Ӯзбекистон калон мебошад.

Ҳангоми вохӯрӣ меҳмонон бори дигар тасдиқ намуданд, ки ҳамкории ИМА бо Ӯзбекистон дарозмӯҳлат мебошад.

Ҳангоми гуфтушунидҳо рушди минбаъдаи муносибатҳои дуҷониба ва дигар масъалаҳо мавриди муҳокима қарор гирифтанд, ки ҷонибҳо майлу шавқ доштанд.

(ЎзА).

Эъзози инсон — асоси сиесати мо

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар мамлакати мо соли 1997 — Соли манфиатҳои инсон, Соли 1998 — Соли оила, Соли 1999 — Соли бонувон, соли 2000 — Соли авлоди солим, Соли 2001 — Соли модар ва фарзанд, соли даҳуми садаи XXI бошад, Соли эъзози кӯҳансолон эълон гардид.

Мақсад аз чунин эълон гардидани солҳо аз ҳамин иборат аст, ки дар навбати аввал ба ҳар як Соли нав бо мақсадҳои некӯ, ҳайр дохил гардем ва баробари ҳаллу фасли бисёр мӯаммоҳои соли фарорасида диққату эътиборро ба самтҳои муҳимтарини устувор, ба масъалаҳое ҷалб созем, ки аҳамияти калон доранд ва барои ҳаллу фасли онҳо тамоми қувва, имконият ва захираҳоро сафарбар кунем.

Дар айни замон мақсад аз чунин тадбирҳо аз ҳамин иборат аст, ки ҳамаи мо, новобаста, аз синну сол, миллат, наҷод, эътиқод ҳолона аз паи кор шавем, сифатҳо ва фазилатҳои аз ҳама беҳтаринамонро, ки ба халқамон хосу мос аст, намоиш диҳем ва бо ҳамин таҳкурсии мустаҳкамро баҳри пешрафти минбаъдаи маънавиамон гузорем. Охир, маънавият барои пешрафти мамлакату халқ, ҷамъият ва давлат қувваи бузург ба ҳисоб меравад. дар айни замон ин корҳоро ба он мақсад ба рӯи об мебарорем, то ки дар қалби одамонамон ҳисси муҳаббат, шафқат, саховат, некӣ маҳкам маъво пайдо кунаду корҳои некро ба ҷо оварем ва ин тадбирҳо баҳри боз ҳам муттаҳид шудани халқамон хизмат расонанд. Чунки қувва дар ҳаливу тифоқӣ будаташро ҳоҷат ба исбот кардан ҳам нест.

Соли 2002 дар мамлакатамон Соли эъзози кӯҳансолон эълон гардид ва бо ҳамин мо бори дигар эҳтироми бузург ва ғамхории доимиамонро нисбати калонсолон зоҳир менамоем. Бо ҳамин васила кӯҳансолон, падарон ва модарони азиз мо, бобову момоҳоямон, собиқадорони ҷангу меҳнат, нафақахӯрон дар ҳама ҷо аз муносибати гарм ва диққату эҳтироми доимӣ бархурдор бошанд. Ва он охир, қарзи инсонгариву муқаддаси мо дар назди онҳое мебошад, ки моро ба камол расондаанд, хонаву ҷойдор кардаанд ва онҳо бешак, ба ғамхории оила, ҷамъият ва давлат ниёзманд мебошанд.

Ва дар бобати бо ғамхорӣ ва диққату эътибори доимӣ фаро гирондани кӯҳансолон дар мамлакатамон корҳои зиёде карда шуданд ва мешаванд. Дар ин бобат ташаббуси сарвари давлатамон Ислом Каримовро ба алоҳидагӣ зикр кардан лозим меояд. Президентамон дар маҷлиси мутантан бахшида нӯҳсолагии Қонуни Асосии мамлакат зикр карданд, ки Соли 2002 Соли қадркунии кӯҳансолон, яъне Соли Эъзози кӯҳансолон эълон карда шавад. Ва он идомаи мантиқии тамоми фаъолиятамон дар тӯли солҳои истиқлолият мебошад, ки ба хотири бахту саодати инсон ва иҷро расонда мешавад. Охир, кӯҳансолон — бобову момо, падару модаронамон, хешу пайвандони калонсоламон файзи хонадонамон, чароғи рӯзгорамон, маслиҳатгару мушкилкушои корамон мебошанд. Беҳуда халқамон нафармудааст: «Бе пир марав, ки дар бимонӣ!»... Нақши кӯҳансолон дар бобати мустаҳкам кардани оила, маҳсусан оилаҳои ҷавон, меҳру оқибат дар байни фарзандон, хешу пайвандон ва ғайра калон аст ва инро касе инкор ҳам намекунад.

Мақсад аз чунин эълон гардидани соли 2002 андешидани тадбирҳои доманадор аст, ки пеш аз ҳама ба сабук кардани ҳаёти кӯҳансолон нигаронда шуда, мавқеи онҳоро дар ҷамъият боз ҳам баланд мебардорад. Бо ҳамин васила дар ҷамъиятамон сулҳу салоҳ ва мӯътадилӣ боз ҳам мустаҳкам гардида, ба сӯи фатҳи қуллаҳои нав ба нави меҳнатӣ бо дилпурӣ шурӯъ мекунем ва дар ин бобат маслиҳату машварат, фикру мулоҳизаҳои кӯҳансолон даст медиҳанд.

Ва таъкид кардан ҷоиз аст, ки Соли эъзози кӯҳансолон эълон гардидани соли 2002 боз як далели равшани ғамхорӣ дар бораи инсон, бахту саодати он мебошад. Чунки халқамон беҳуда намегӯяд, ки «Хурмати калонсолон маъноиаш иззати хурдсолонро ҳам дорад». Азбаски мақсади неки мо сохтани давлати ояндааш бузург ва ҷамъияти озод аст, стратегияи пешрафти мо бошад, ба тарбияи авлоди солим такя мекунад, ки дар ин бобат саҳми кӯҳансолон ҳам беқиёс мебошад.

Албатта, мо барои амалӣ гардондани ин қабил мақсадҳои некамон барномаҳои махсусро таҳия мекунем ва дар он диққату эътибори асосӣ ба бисёр масъалаҳо, аз он ҷумла аз нигоҳи моддӣ ҷонибдорӣ кардани кӯҳансолон, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои кору зиндагии онҳо ва ғайра нигаронда мешавад. Аз он ҷумла иҷлосияи ҳафтуми Олӣ Маҷлис, ки моҳи декабри соли 2001 ба амал омад, қарори махсусро «Дар бораи Барномаи ҷонибдории нишонидори иҷтимоии табақаҳои камбисоти аҳолӣ бори солҳои 2002-2003» қабул кард, ки дар он нисбати кӯҳансолон ҳам ғамхории калон зоҳир карда мешавад. Дар он аз он ҷумла минбаъда такмил додан ва пурзӯр кардани низоми таъминоти нафақа пешбинӣ гардидааст. Баробари ин заминаи молиявии мақомоти худидораи шаҳрвандоне, ки бо тақсими маблағ, ба камбисотон масъуланд, мустаҳкам карда мешавад. Доираи гирандагони кӯмаки иҷтимоии давлатӣ баробари ҷорӣ кунондани маҳаллӣ иловагии муайянкунии эҳтиёҷмандон васеъ мегардад. Ба нишонидор расондани кӯмаки иҷтимоӣ диққату эътибори махсус нигаронда мешавад.

Як далелро алоҳида зикр кардан лозим меояд: дар солҳои истиқлол механизми нодири ҳифзи иҷтимоӣ ва ҷонибдории нишонидори аҳолӣ ба вуҷуд оварда шуд. Аз маълумотҳо бармеоянд, ки ҳар сол 45-50 фоизи ҳаҷмоти умумии буҷаи давлатӣ ба ҳифзи иҷтимоии табақаҳои камбисоти аҳолӣ нигаронда мешавад. Алҳол амалан онҳое, ки ба кумаки иҷтимоӣ эҳтиёҷманд ҳастанд, бо он фаро гирифта шудаанд. Қонунгузориамон 136 намуди кӯмакпулӣ ва имтиёзҳоро ба 14 табақаи шаҳрвандон пешбинӣ кардааст. Дар ҷумҳурият беш аз 2,2 миллион оила бо ҳар гуна кӯмаки иҷтимоӣ фаро гирифта шудаанд. Алҳол ҷонибдории иҷтимоии давлатӣ аз рӯи се самти асосӣ ба рӯи об бароварда мешавад: кӯмаки бевositаи давлатӣ ҳам бо пул ва ҳам дар шакли молӣ, кӯмакпуливу имтиёзи мақсаднок, кӯмакпулӣ ва имтиёзи чубронпулии иҷтимоӣ. Аз ҳисоби буҷаи давлатӣ алҳол кӯмакпулиро оилаҳое мегиранд, ки фарзандонашон то 16 сола мебошанд. Дар айни замон барои модарон кӯмакпулӣ то ба синни дусолагӣ расидани фарзандонашон дода мешавад. Ва миқдори ин модарон дар ҷумҳурият алҳол аз миллион нафар зиёд аст. Оилаҳои камбисот ва сағирон кӯмаки моддӣ мегиранд. Нафақахӯрони якка, кӯҳансолон, маълулоне, ки ба кӯмаки дигарон эҳтиёҷманд ҳастанд, бо хӯроквории зарурии арзон таъмин карда мешаванд ва онҳо алҳол аз 16 ҳазор нафар зиёданд. Хонандагони синфи якум бо ҷиҳозоти таълим ройгон таъмин карда мешаванд. Дар айни замон муҳассилини синфҳои ибтидоӣ аз оилаҳои камбисот бо маҷмӯи либосҳои зимистона ройгон таъмин карда мешаванд. Маълӯлони гурӯҳҳои якуму дуюм, нафақахӯрони якка, сағирон ва боз табақаи дигари аҳолӣ кӯмаки нишонидори иҷтимоиро дар шакли кӯмакпуливу имтиёзи мақсаднок аз рӯи супурдани ҳаққи хизмати коммуналӣ, нақлиёт мегиранд. Аксари онҳо бо доруву дармони зарурӣ, роҳхатҳои солимгардонӣ ройгон таъмин гаштаанд. Беш аз ду миллион нафар шаҳрвандони ҷумҳурият ва аъзои оилаи онҳо барои хизматҳои калонашон дар назди халқу Ватан аз як қатор имтиёзҳо баҳра мебардоранд.

Вале ҳаёт ҳаёт аст. Баробари тайғиротҳои азиме, ки дар ҷумҳурият рух доданд, вазъи иқтисодии бисёр оилаҳо беҳтар шуданд. Даромади воқеии аҳолӣ баланд гардид ва он тақозо дорад, ки дар бобати ҷонибдории иҷтимоии аҳолӣ ҳам саҳеҳиҳо дароварда, ин ҷонибдорӣ мушаххасӣ ва нишонидорӣ пайдо кунад. Яъне акнун мебояд табақаи ба ин кӯмак эҳтиёҷманд аз он баҳра бардораду адолати иҷтимоӣ таъмин карда шавад. Ба ҳамин мақсад Барномаи ҷонибдории нишонидори иҷтимоии табақаҳои камбисоти аҳолӣ барои солҳои 2002-2003 таҳия гардид, ки онро иҷлосияи ҳафтуми Олӣ Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон даъвати дуюм маъқул донista, алҳол барои амалӣ гардондани нуктаҳои он вазорату идораҳои дахлдор пардохтанд. Ва он марҳилаи навро дар ин соҳа дар бар гирифтааст.

Албатта, барномаи мазкур маблағи зиёдеро тақозо дорад. Давлат бошад дар шароити гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ барои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ онро дареғ намедорад. Зеро сиёсати мо инсонпарварона, эъзози одамон аст ва таҳо барои бахту саодати инсон нигаронда шудааст.

Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов «Дар бораи пурзӯр кардани ҷонибдории нишонидори табақаи аҳолии аз нигоҳи иҷтимоӣ мӯҳтоҷ» аз 25 январи соли кунун ва қарорҳои Девони Вазирон «Дар бораи тадбирҳо оиди амалӣ гардондани Барномаи ҷонибдории нишонидори табақаи аҳолии ба кӯмаки иҷтимоӣ эҳтиёҷманд барои солҳои 2002-2003» ва «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оиди мустаҳкам кардани тансиҳҳатии занон ва авлоди наврас» ба он мисоли дигари равшан шуда метавонанд.

Мувофиқи Фармон аз як январи соли кунун маҳдудияти мавҷуда оиди мувофиқи собиқаи зиёди корӣ додани нафақаҳо аз байн бардошта мешавад. Аз як феврали соли кунун бошад, кӯмакпулӣ ба модароне, ки бо парвариши кӯдакто дусолагӣ машғул мегарданд, ба 170 фоизи ҳаҷми музди ҳадди аққали меҳнат, аз як январи соли 2003 бошад, ба дусад фоизи ҳаҷми музди ҳадди аққали меҳнат расонда мешавад. Дар айни замон доираи тоифаи оилаҳои кӯмакгирандаи дорои фарзанди 16-сола вусъат дода, ба ин тоифа оилаҳои эҳтиёҷманди дорои фарзанди 18-сола дохил карда мешаванд, ки онҳо дар мактабҳои таҳсили ҳамагонӣ, литсейҳои академӣ, коллеҷҳои касбу ҳунар таҳсили илм доранд. Баробари ин аз 1 сентябри соли кунун бо маҷмӯи либосҳои зимистона баробари хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз оилаҳои камбисот ҳамчунин хонандагони синфҳои болоии мактабҳои таҳсили ҳамагонӣ аз оилаҳои камбисот ройгон таъмин карда мешаванд. Низоми ҳарсолаи ройгон таъмин кардани хонандагони мактабҳои маълумоти ҳамагонӣ аз оилаи камбисот бо маҷмӯи китобҳо аз фонди китобхонаҳо ҷорӣ карда, аз 1 сентябри соли кунун камаш 75 фоизи муҳассилин аз оилаҳои камбисот, аз 1 сентябри соли 2003-ум бошад, 100 фоиз хонандагон аз оилаҳои камбисот бо ин низом фаро гирифта мешаванд. Сағирон ва бачагоне, ки бе волид мондаанд, бо ҳифзи иҷтимоӣ назаррас фаро гирифта мешаванд. Аз он ҷумла, ба онҳо барои то кор ёфтан, хариди либос соли кунун то 80 карат ҳаҷми музди ҳадди ақалли меҳнат, соли 2003 бошад, ба андозаи 100 карат ҳаҷми музди ҳадди ақалли меҳнат кӯмакпулии якдафъаина дода мешавад. Ҳаҷми кӯмакпулӣ ба онҳо соли 2002 то 3 карати ҳаҷми музди ақалли меҳнат ва соли оянда то 5 карати он расонда мешавад. Аз ҳисоби маблағи буҷа онҳо бо карточкаҳои сафарӣ ба шарте, ки маскани таҳсилашон аз ҷои истиқомат дур воқеъ бошад, таъмин карда мешаванд. Дар айни замон ба шахсоне, ки кӯдакони бепарасторро ба васояти худ мегиранд, кӯмакпулии ҳармоҳа ба андозаи 3 ҳаҷми музди ақалли меҳнат ба ҳар як кӯдаки ба тарбия мегирифтаашон дода мешавад. Дар бобати бо либос, пойафзол таъмин кардани онҳо низ тадбирҳо андешида шудаанд.

Дар бобати беҳтар кардани тандурустии репродуктивии занон, таҳкими оила, тавлид ва тарбияи авлоди солим низ тадбирҳои доманадор андешида шудаанд. Аз он ҷумла баланд бардоштани маданияти тиббӣ дар оила, пурзӯр кардани ғамхорӣ ба модарон ва бачагон, амалӣ гардондани вазифаи мақсадноки «Модари солим — кӯдаки солим» дар назар дошта шудааст. Ба ҳамин мақсад дар соли таҳсили 2002 — 2003 ба барномаи таълимии хонандагони синфҳои 10-11 ва таҳсили 2-3-сола дар литсейҳои академӣ ва коллеҷҳои касбу ҳунар факултативҳои махсус татбиқ карда, онро мутахассисон-кормандони соҳаи тиб оид ба масъалаҳои оилаи солим, аҳду никоҳ, тавлид ва тарбияи авлоди солим мегузаронанд.

Чуноне ки аз фармону қарорҳои ҳукумат бармеояд, мо барои бахту саодати инсон, тарбияи авлоди солим маблағро дареғ намедорем ва ҳамаи ин корҳо ба мақсади таъмини ояндаи бузургу дурахшон, амалӣ гардондани вазифаҳои бузург ба иҷро расонда мешаванд.

Оре, сиёсати мо, эъзози инсон, фароҳам овардани шароити мусоид барои зиндагониву кори ӯ мебошад.

Э. ТУРДИҚУЛОВ.

Назоратчиёни байналхалқӣ оиди раъйпурсӣ

Дар раъйпурсии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, ки 27 январи соли кунун гузашт, 127 назоратчӣ аз 33 мамлакати ҷаҳон иштирок намуд. Миқдори зиёди онҳо, ки 17 нафар буданд, аз ИМА ва Канада омаданд. Назоратчиёни байналхалқӣ аз 11 мамлакати Аврупо, давлатҳои Осиё ва мамолики ИДМ омаданд.

Намояндагони давлатҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ рафти овоздиҳиро ҳини раъйпурсӣ дар ҳамаи вилоятҳои Ӯзбекистон назорат намуданд.

Ба диққати шумоён, муштариёни азиз, фикру мулоҳизаҳои баъзеи онҳоро пешкаш мекунем:

Ҷон ДАЙЛӢ, корбасти Пажӯҳишгоҳи Шарқи Наздик (ИМА):

— Ӯзбекистонро ҷазираи осоишта дар минтақаи ноором ҳисобидан мумкин аст. Ислоҳоте, ки таҳти сарпарастии И.Каримов ба рӯи об бароварда мешавад, ҳатман ба дарҷаи ҷаҳонӣ бароварда мамлакати ҷавони шуморо таъмин месозад. Ба вуҷуд овардани парлумони дупалатагӣ яке аз марҳалаи сохтани давлати демократии ҳуқуқбунёд ва ҷамъияти адолатноки шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад.

Стив БАУЛРЕ, Пажӯҳишгоҳи Нилсон (иёлати Виржиния, ИМА):

— Ман чунин меҳисобам, масъалаҳое, ки ба раъйпурсӣ гузошта шуданд, барои демократиконии ҷамъиятатон ниҳоят умда ба ҳисоб меравад.

Ба ман фикру мулоҳизаҳое, ки Ислом Каримов рӯзи раъйпурсӣ баён кард, таассуроти амиқ боқӣ гузошт. Ба пиндори ман, дар амал татбиқ кардани вазифаҳои пешгузошта ба сохтани давлату ҷамъияти демократӣ дар Ӯзбекистон таъсири мусбии худро мерасонад.

Р.РИЕС, ноиби президенти Ландтаги Бавария (Олмон):

— Раъйпурсӣ дар бобати демократиконии ҳаёти сиёсиву ҷамъиятии Ӯзбекистон таъсири худро мегузорад. Ба гуфтаҳои Президент Ислом Каримов дар ин бобат, ки баъди раъйпурсӣ корҳои доманадор ҳам дар соҳаи қонунбарорӣ ва ҳам дар соҳаи аниқ фарқ кунондани вазифаҳои байни рукнҳои ҳокимият давом мекунад, розӣ ҳастем.

Халқ бо иштироки худ дар раъйпурсӣ азму иродаи худро баён месозад ва он аз ҷониби мақомоти ҳокимият чӣ тавр ба рӯи об бароварда мешавад, ба рушди мамлакат ва ҷамъият вобастагӣ дорад.

Мо, ҳамчун назоратчиён, ба воқеаи мазкур диққату эътибори калон медиҳем. Зеро дар айёми умумибашаригардонӣ вазъият на танҳо дар минтақаи тӯм, балки дар давлати чудогона ҳам аҳамияти калон касб мекунад. Аз ҳамин сабаб Ӯзбекистон кадом роҳи пешрафтро барои худ интихоб мекунад, аҳамияти калон дорад.

Б.ЧОХЕ, ноиби президенти Ландтаги Саксония (Олмон):

— Ба фикрҳое, ки ҳамкорам баён кард, ҳаминро илова карданӣ ҳастам, ки мо аз таҳким ёфтани муносибатҳои дуҷониба байни минтақаҳои Ӯзбекистон ва сарзаминҳои федеролии Олмон бештар манфиатдорем. Аз он ҷумла дар мо нерӯи бузург ойди истифода намудани имкониятҳо дар дарачаи сиёсӣ, иқтисодӣ мавҷуданд.

Маро он чиз ба тасхир овард, ки чӣ дар қитъаву чӣ ҳавзаҳои раъйпурсӣ миқдори зиёди занон ҳозир буданд. Ва он зуҳуроти нодир дар мамлакатҳои мусалмонӣ мебошад.

Хартли БУТ, ҳамраиси комиссияи британиву ӯзбекистонӣ оид ба ҳамкории тичоративу иқтисодӣ (Британиёи Кабир):

— Ман дар 13 қитъаи раъйпурсии шаҳри Тошканд ва вилояти Тошканд шудам ва имконияти муоина кардани ҷараёни кори комиссияҳои қитъавиро доштам. Ягон чиз пинҳон карда нашуд. Маро муҳит ва кайфияти одамон, рӯшодгӯй ва самимияти нисбати назоратчиён хушнуд сохт.

Масъалаи парлумони дупалатагӣ дар бахши интихоботи он тайёрии пухтаро тақозо дорад. Палатаи лордҳои Британиёи Кабирро ба тариқи мисол гирем. Аъзоёни он таъин карда мешаванд ва аз ин рӯ дар шароити кунунӣ палата ба назар кӯҳна метобад. Аз ин рӯ танҳо тавсия карданӣ ҳастам. Палатаи болоии парлумони Ӯзбекистон, ба назари ман, бояд бо роҳи овоздиҳии бевосита интихоб карда шавад.

Набухико СУТО, вакили халқи парлумон (Ҷопон):

— Аз аввалин сафарам ба Ӯзбекистон, алалхусус ба Самарқанд таассуроти калоне бардоштам.

Агар суҳан ба раъйпурсӣ ояд, гуфтанӣ ҳастам, ки дар ин самт корҳои калон ба иҷро расидаанд. Ва онҳо барои аниқ кор кардани қитъаҳои раъйпурсӣ мусоидат намуданд. Одамонатон, махсусан ҷавонон ба ман писанд афтоданд. Ҳиссиёти онҳо дар бораи озодӣ махсусан ҳис карда мешавад.

Рашид АЛВӢ, узви палатаи поёни парлумони Лок Сабха (Ҳиндустон):

— Ба дар ҳамаи мамлакатҳо мушоҳида кардан мумкин аст, ки бо чунин рӯҳбаландӣ ва дарки амиқ дар ин тадбири муҳим халқ иштирок мекунад.

Ман ваҳдати халқ, дилпурии ӯро ба рӯзи оянда ҳис кардам. Охир, парлумон ифодагари ғоя ва саъю кӯшиши халқ, маҷозан гӯем, оина ба ҳисоб меравад.

Алӣ ТОҲИР, директори Оҷонсии иттилоотии «Ориент-пресс»-и Лубнон:

— Олами араб Ӯзбекистонро давлати аз ҳама баобрӯи минтақа ҳисоб мекунад. Ва он на танҳо аз соҳиби захираҳои бои табиӣ ва аҳолии сершумораш аст. Таҳти сарпарастии Президент Ислом Каримов мамлакат дар фурсати кӯтоҳ ба сафи давлатҳои таъсирасонеро мубаддал ёфт, ки ислоҳоти иқтисодӣ ва сиёсиро бомуваффақият ба рӯи об мебарорад.

Евгений КОСОВ, сармуҳаррири маҷаллаи «VIP-Premier» (Россия):

— Дар Ӯзбекистон зиёда аз даҳ сол нашуда будам. Мамлакат ба куллӣ тағйир ёфтааст. Танҳо одамонаш тағйир наёфтаанд. Онҳо чун пештара меҳмоннавоз, рушодгӯй ва саховатманд. Сӯҳбатҳо дар қитъаҳои раъйпурсӣ, чӣ бо ҷавонон, чӣ кӯҳансолон ва чӣ занон тасдиқ намуд, ки Президентро халқ ҷонибдорӣ мекунад. Аз ҳамин сабаб масъалаи дароз кардани мӯҳлати конституцсионии Президент муҳим мебошад. Зеро дар вақтҳои наздик Ислом Каримов барои ҳуд алтернатива надорад.

Агар суҳан дар бораи имконияти арзи ҳастии парлумони дупалатагӣ равад, ҳаллу фасли он дарраси дааст. Минтақаҳои мухталифи Ӯзбекистон муносибати алоҳидаро тақозо дорад. Палатаи болоӣ онро бояд ба назар гирад.

ОИ «Ҷаҳон».

Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Дар бораи тадбирҳо оиди минбаъда озодкунӣ ва рушди бозори суғурта

Ба мақсади рушди минбаъдаи раванди озодкунӣ ва амиқгардонии ислоҳоти иқтисодӣ дар соҳаи хизматрасонии суғуртавӣ, пурзӯр кардани фишангҳои иқтисодии рушди бозори суғуртаи ҷумҳурият, таҳкими заминаи моддиву техникии ташкилотҳои суғуртавӣ ва устувории молиявии онҳо:

1. Аз 1 феврали соли 2002 ташкилотҳои суғуртавӣ новобаста аз шакли моликият аз додани андози даромад (фоида) ба мӯҳлати 3 сол, баробари мувофиқи мақсад истифода бурдани маблағҳои озодшуда барои рушди заминаи моддиву техникиашон ба вуҷуд овардани шабакаҳои калони оҷонсиҳояшон дар минтақаҳо, барои тайёркуниву бозомӯзии кадрҳо, аз он ҷумла дар хориҷ, озод карда шаванд.

2. Муайян карда шавад, ки:

ҳини харҷ кардани маблағҳое, ки аз андозситонӣ озод карда мешаванду барои афзун гардондани маблағҳои оинномавии ташкилотҳои суғуртавие, ки дар онҳо ҳиссаи давлат ҳаст, таъин гардидааанд, маблағҳои мазкур ба таркиби ҳиссае шомил гардонда мешавад, ки ба давлат мансубанд;

дар мавриди барҳам задани ташкилоти суғуртавӣ ва ё қатъ гардидани фаъолияти суғуртавии онҳо дар бадали чор сол, аз 1 феврали соли 2002 эътиборан, маблағи андоз барои даромад (фоида) аз ҳаҷми пурраи давоми давраи имтиёзи пешниҳодгардидае ситонда мешавад, ки мувофиқи Фармони мазкур пешкаш ёфтааст.

3. Муқаррар карда шавад, ки ҳароҷотҳои шахсони ҳуқуқӣ аз рӯи намудҳои ихтиёронаи суғуртавии аз ҳисоб баровардани заминаи андозситонӣ ҳини ҳисобу китоби андози даромад (фоида) ба доираи меъёре мансуб аст, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст.

4. Банди 2 Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз 10 октябри соли 1997 рақами УП-1871 «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оиди рағбатноксозии содироти молҳо (кору хизматҳо)» дар таҳрири зайл баён гардад: «Муқаррар карда шавад, ки аз 1 феврали соли 2002 субъектҳои хоҷагидорӣ метавонанд содироти молҳоро (корҳо, хизматрасониро) ба асъори озодтабодул бидуни додани ҳаққи пешакӣ, кушодани аккредитив, ҳини аз ҷониби бонкҳо будани кафолат ба истеъмолгар ва ё мавҷуд будани полиси суғуртавии қарордодҳои содиротӣ аз таваккалкории сиёсиву тичоратӣ амалӣ гардонанд».

5. Ба Вазорати адлияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон супурда шавад, ки якҷоя бо Вазорати молия дар бадали як моҳ ба Девони Вазирон таклифҳоро оиди даровардани тағйироту иловаҳо ба қонунгузории ҷорӣ пешкаш намояд, ки аз Фармони мазкур бармеояд.

6. Назорати иҷрои Фармони мазкур ба зиммаи ҷонишини Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Р.С.Азимов гузошта шавад.

Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон
И. КАРИМОВ.

шаҳри Тошканд,
31 январи соли 2002.

Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Дар бораи тадбирҳо оиди ташкили нақли борҳои тичоратӣ ба ҳудуди Афғонистон

Ба мақсади вусъат додани миқёси расонда додани борҳои тичоратӣ ба Афғонистон баробари истифода бурдани шабакаҳои роҳҳои автомобилгарду роҳи оҳани Ҷумҳурияти Ӯзбекистон тавассути кӯпруки Тирмиз — Хайратон Девони Вазирон **карор мекунад:**

1. Аз 1 феврали соли 2002 барои борҳои тичоратие, ки ба Афғонистон аз истгоҳи Тирмиз то истгоҳи Хайратон фиристода мешаванд, чунин ставкаҳои имтиёзнок муқаррар карда шаванд:

барои гузарондани як вагон — 180 доллари ИМА;

барои гузарондани як контейнери чилтоннагӣ — 180 доллари ИМА;

барои гузарондани як контейнери бисттоннагӣ — 90 доллари ИМА;

барои сафари як автомобили боркаш — 5 доллари ИМА.

2. Аз 1 феврали соли 2002 аз додани андоз барои арзиши иловагии хизматрасонии нақлиётиву экспедиторӣ ва хизмат барои расонда додани борҳое, ки ба Афғонистон аз истгоҳи Тирмиз то истгоҳи Хайратон ҳаракат мекунанд, озод карда шаванд.

3. Муқаррар карда шавад, ки аз 1 феврали соли 2002 нисбати борҳои воситаҳои нақлиётии давлатҳои хориҷӣ, аз он ҷумла автомобилҳои дар роҳҳои душвор ҳаракаткунандаи шомили гурӯҳи 8704 ва 8705 ТН ТИФ, ки ба Афғонистон сафари мақсаднокро ба ҷо меоваранд, ставкаи мавҷудаи маблағҳо барои ҳаракат кардан ва транзит тавассути ҳудуди Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба 50 фоиз кам карда мешавад.

Муайян карда шавад, ки асос барои истифода бурдани ставкаи имтиёзнок варақаи сафарии намунааш муқарраршудае мебошад, ки мақомоти гумруки Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба ронандаи воситаи нақлиётӣ медиҳаду дар он мӯҳлати сафар ва маршрути ҳаракат то манзили охирин аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон то ҳудуди Афғонистон тавассути гузаргоҳи Тирмиз — Хайратон нишон дода мешавад.

4. Инҳо ба маълумот гирифта шаванд:

ситондани ҳаҷ аз воситаҳои нақлиётӣ барои ҳаракат кардан ва транзит тавассути ҳудуди Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба Афғонистон бо асъори озодтабодул бевосита дар ситодҳои гумрукӣ баробари гузарондани маблағ мувофиқи тартиби муқарраршуда ба ҳисобсурати асъории Бунёди роҳи ҷумҳурӣ амалӣ гардонда мешавад;

ситондани ҳаққи боркашонӣ дар ҳудуди Ҷумҳурияти Ӯзбекистон бо роҳи оҳан мувофиқи таъиноти мақсаднок ба Афғонистонро Ширкати давлативу саҳҳомии роҳи оҳани «Ӯзбекистон темир йӯллари» мувофиқи тартиби муқаррар-гардидаву тарифҳои ҷорӣ амалӣ мегардонад;

фаъолияти нақлиётиву экспедиториро оиди кашондани борҳои тичоратӣ ба Афғонистон ҳам ширкатҳои ватанӣ ва ҳам ширкатҳои махсуси хориҷӣ амалӣ мегардонанд.

5. Ба Ширкати давлативу саҳҳомии роҳи оҳани «Ӯзбекистон темир йӯллари» якҷоя бо Вазорати молия ва Бонки Марказии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон супурда шавад, ки дар бадали як ҳафта тартиби додани ҳақро ба расондани хизмат оиди боркашонӣ ва расонда додани борҳои тичоратӣ ба Афғонистон бо асъори озодтабодул дар шакли нақду ғайринақд таҳия кунад ва тасдиқ намояд.

6. Амали «Тартиби амалӣ гардондани назорати сарҳадбонӣ ва гумрукӣ аз болои ҳаракати воситаҳои нақлиёт ва шахсон бо кӯпруки Тирмиз — Хайратон тавассути ситоди гузариш дар Сарҳади давлатии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон» ба борҳои тичоратӣ ҷорӣ карда шавад.

7. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ў.Т.Султонов гузошта шавад.

Раиси Девони Вазирон
И. КАРИМОВ.

шаҳри Тошканд,
31 январи соли 2002.

Замини серҳосил — боиғарии халқ

Ба мақсади такмили минбаъдаи хизматрасонии агрокимё барои кишоварзӣ дар асоси қарори Девони Вазирон аз 1 феврали соли 2001 рақами 63 дар пойгоҳи Ширкати давлативу саҳҳомии «Ӯзагрокимётаъминот» ва маркази ҷумҳурии ҳифзи рустаниҳо ва тадқиқотҳои агрокимёвӣ Ширкати давлативу саҳҳомии мустақили «Ӯзқишлоқҳӯжаликкимё» созмон дода шуд.

Дар фурсати кӯтоҳ корҳои зиёде оиди корхонаҳои кишоварзӣ расонда додани хушсифати маъданӣ ва воситаҳои кимёвии ҳифзи рустанӣ аз ҳашорати зараррасон, расондани хизмати агрокимё дар пойгоҳи шартномаҳо, ташкили хизмати сервисӣ ба хоҷагиҳои фермерӣ ва тадбиргарон ба иҷро расонда шуданд.

Вале дар ин бобат муаммоҳо ва камбудиҳо мавҷуданд. Ба ҳаллу фасли онҳо маҷлис дар Вазорати кишоварзӣ ва хоҷагии об бахшида шуду таҳти сарпарастии Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон И. Ҷӯрабеков гузашт.

Дар маҷлис ҷонишини Нахуствазир, вазири кишоварзӣ ва хоҷагии об Т.Холтоев иштирок намуд.

(ЎзА).

Ба «телефони боварӣ» оё бовар кардан мумкин аст?

Ба ин савол тадбиргарони вилояти Тошканд «оре!» гӯён ҷавоб мегардонанд.

Аз рӯи маълумотҳое, ки расидааанд, маълум мегардад, ки ҳоли ҳозир дар вилояти Тошканд 13677 субекти хоҷагидорӣ арзи ҳастӣ мекунад. Зиёда аз 12 ҳазор адади онро корхонаҳои соҳибкории хурду миёна ташкил медиҳад. Вале мутассифона, то ҳол ҳодисаҳое рӯх медиҳанд, ки мақомоти назоратӣ ба фаъолияти озоди ин сохторҳо ғайриқонунӣ дахолат мекунанд, ки беш аз 60 ҳазор нафарро бо шуғли доимӣ фаро гирифтааанду аз рӯи моҳият такягоҳи иқтисодиёт ба ҳисоб мераванд.

Ба сифати мисол далели рафтори ғайриқонунии кормандони инспексияи давлатии андози шаҳри Чирчиқ Б.Раҳимов, Д.Тошматов, Р.Ашӯровро нисбати фирмаи хусусии «Эл» овардан мумкин аст.

Кормандони инспексия бидуни ягон асос ба «тафтиши» ин корхонае шурӯъ мекунанд, ки мувофиқи қонун фаъолияташро пеш мебурд. Онҳо ҳамчун далели раднопазир хуччатҳо ва маҳсулоти мавҷударо кашида мегиранд. Вай ками кардагӣ барин, ба корхона 245 ҳазор сӯм ҷарима меандозанд.

Нисбати сарвари фирма З.Мирзоева парвандаи ҷиноятӣ аз рӯи моддаи 182 Кодекси ҷиноии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон кушода мешавад. Дар чунин вазъият ҳолати Мирзоеваро тасаввур кардан душвор нест. Мирзоеваи худро гум карда, сараввал чӣ кор карданашро намедонад, сахт ошуфта мегардад. Билохир ба ёдаш «телефони боварӣ» меояд ва ба он занг зада, вазъиятро мефаҳмонад.

Тафтиши оҷилии шуъбаи раёсати адлия оид ба ҷонибдорӣ ва ҳифзи соҳибкории хурду миёна нишон дод, ки кормандони инспексияи давлатии андоз талаби моддаи 9 Қонунро «Дар бораи назорати давлатии фаъолияти субектҳои хоҷагидорӣ» ва моддаҳои 39 ва 40-уми Қонун «Дар бораи кафолатҳои озодӣ ба фаъолияти тадбиргарӣ» дағалона вайрон кардааанд. Ба корхона хуҷҷату маҳсулоташ баргандонда шуд. Мувофиқи аризаи даъво, ки ба суд раёсати адлия дод, тамоми инспекторони андоз, ҳамчунин сарвари онҳо А.Шамиров, ки онҳоро ғайриқонунӣ ба тафтиш фиристодааст, ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуданд.

Сардухтури дармонгоҳи хусусии «Абӯалӣ Ибни Сино»-и ноҳияи Бӯстонлиқ Х.Муродов, тадбиргари хусусӣ аз Ангрен Н.Потапкина, бисёр дигар тадбиргарон ҳамчунин ба «телефони боварӣ» занг зада, ҳуқуқҳои худро бомуваффақият ҳимоя намуданд. Ба туфайли «телефони боварӣ» қарори ҳокими ноҳияи Бӯстонлиқ дар бораи ройгон амалӣ гардондани муоинаи тиббии як қатор шахсон дар дармонгоҳи «Абӯалӣ Ибни Сино», ки бар хилофи манфиати тадбиргар буд ва қарори ҳокими шаҳри Ангрен дар бораи беэътибор донистани рухсатномаи Потапкина оид ба фаъолияти тадбиргарӣ ва қатъ ёфтани фаъолияти ӯ бекор карда шуданд.

Аз он ҷумла, Наталя Потапкинаро, ки ба фурӯши лотереяҳо дар ҳудуди бозори марказии шаҳри Ангрен то соли 2003 ҳуқуқ дошт, дар ин бобат айбдор кардааанд, ки аппарати кассавиро истифода намебарад, пули гирифтаашро ба бонк намегузорад. Дар чунин ҳолат ҳокимият мувофиқи қонунгузории ҷорӣ мебоист як моҳ муҳлатро барои бартараф кардани камбудиҳояш медод, аз он ҷумла, мебоист имкониятро барои аз рӯихати инспексияи андоз гузаштану дар бонк ҳисобсурати худро кушодан медод. Мутаассифона, ин кор карда нашуда, оқибат Н.Потапкина дар тӯли ду моҳ зарари моддӣ дид.

— Агар дар соли 2001 аз субектҳои хоҷагидорӣ 161 ариза гирифта шуда бошад, қисми зиёди он тавассути «телефони боварӣ» дастрасамон гардид,— мегӯяд сарвари шуъбаи ҷонибдорӣ ва ҳифзи соҳибкории хурду миёнаи назди адлия Б.Турғунов.— Аз ин мебарояд, ки одамон ба мо ва тантанаи адолат эътимоди калон доранд. Махсусан намояндагони соҳибкории хурду миёна торафт амиқан дарк мекунанд, ки ҳуқуқҳои худро мебояд дар доираи қонун ҳимоя кунанд. Тавассути «телефони боварӣ» ҳамчунин маслиҳати ҳуқуқӣ ҳам гирифтан мумкин аст. Ҳамин тавр, «телефони боварӣ» дар бобати пешгирӣ кардани қонуншиканӣ, роҳ нагузоштан барои суиистеъмол аз вазифа, пешгирӣ кардани ҳар гуна дахолати ғайриқонунӣ ба фаъолияти тадбиргариву соҳибкорӣ нақши муҳиме мебозад.

Неъмат ДӮШАЕВ, мухбири ӮзА.

Устоди роҳсозон

Руҷӯъ

Қабулгоҳи идораи роҳсозии вилоят. Садои милҳои соат ҳар замон аз гузашти айём хабар медиҳанд. Одамони дар даст ҳуҷҷатҳои мухталиф медароянду мебароянд. Аз дари нимроғи идора овози баланди раис бараъло шунида мешавад.

— Шумо чаро намедароед, — бо тааҷҷуб мепурсад, котиба

— Ман... дертар медароям.

— Тезтар ҳаракат накунед намешавад, чунки ин кас аз паи кори таъҷилӣ баромада рафтанашон мумкин.

«Мегӯянд, ки ин кас чиҳилу ду сол кор карда ягон бор варақаи корношоямӣ (беморӣ) накушодаанд».

— Шуморо мепурсанд! — садои котиба риштаи хаёлҳояморо гусаст.

Раис бо чеҳраи кушод маро пешвоз гирифт. Баъди шиносӣ матлабамро фаҳмонидам. Ӯ ба хаёл фурӯ рафт.

— Меҳнат касро ба мақсад мерасонад. Ба дафтари аъмолам назар сохта гоҳо ангушти ҳайрат мегазам. Кас чӣ қадар душвориҳову чи қадар шодкомиҳоро паси сар мекардааст. Барои ҳамин мегӯянд «Бар сари фарзанди одам ҳарчӣ ояд бигзарад».

Аз дафтари аъмол

Қурбон Панҷиев. Раҳбари идораи «Қашқадарёавтойӯл», устози устоёни роҳ, вакили халқи Олий Маҷлис. Аз соли 1959-ум инҷониб бо кори хайри роҳсозӣ машғул аст. Ӯ дар давоми фаъолияти кории 42-солааш аз коргари оддӣ ба дарачаи раҳбарӣ расидааст. Ӯ барои сохтмони роҳҳои объектҳои муҳими ҷумҳурият ва вилоят, аз амсоли Самарқанд, агбаҳои Майданак, Тахта Карача, Талимарҷон ГРЭС, кони Шӯртангаз, роҳҳои кони нафти Кӯкдумалоқ, роҳҳои автомобилгарди Қаршӣ — Бухоро, Қаршӣ — Самарқанд тайёрагоҳи шаҳри Қаршӣ, роҳи 60-километраи маҷмӯи газу кимиёи Шӯртан ҳиссаи калон гузошта. Дар миқёси ҷумҳурият аввалин касест, ки тавассути бетон рӯйпӯш кардани роҳро аз нав ҷорӣ намудааст. Имрӯзҳо роҳсозон таҳти раҳбарии ӯ саҳни тайёрагоҳи шаҳри Учқудуқи вилояти Навоиро месозанд.

Қурбон Панҷиев барои хизматҳои шоёнаш бо медали «Шавкатли меҳнати учун», бо унвони «Меҳнат фаҳрийси» ва дигар мукофотҳо сарафроз гаштааст.

Соли 1997 мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ӯ ба унвони фахрии «Ӯзбекистон Республикасида хизмат кӯрсатган қурувчи» сазовор гашт. Соли 2000-ум бошад, мувофиқи фармони дигар нишони сарисинагии «Ӯзбекистон белгиси», мувофиқи қарори кенгаши консерни «Узавтойӯл» соли 1999 ба ӯ унвони фахрии «Йӯл усталарининг устози» дода шуд. Дар ҷашни 10-солагии рӯзи Истиқлоли ҷумҳурият бошад, ӯ бо ордени «Эл-юрт ҳурмати» сазовор гашт.

«Сабаҳҳои зиндагӣ»

Чунин ном дорад китоби иншокардаи устози устоёни роҳ.

— Ҳоло боз ду дафтари ғафсеро сиёҳ кардам. Ниятам бисёр. Дар бораи нӯҳ авлоди гузаштагонамон нависта истодаам. То ки баъди мо фарзандон аҳлу насаби худро фаромӯш накунанд. Зеро бе гузашта ояндa нест.

— Дар оила даҳ фарзанд будем — гуфт ӯ суханашро давом дода, — Падарам, Панҷибой бо меҳнати ҳалоли ҷӯпониву деҳқонӣ моро калон кард. Модарам хонашин буд.

Ҳавлиамон аз ду қисм иборат буд: дарунӣ ва берунӣ. Мо — бачаҳо, бо модарамон дар ҳавлии дарунӣ мезистем. Вақте ки падарамон вориди ҳавлӣ мешуданд, мо ҳама корамонро монда аз ҷой мехестем ва даст ба рӯи сина монда сар ҳам мекардему ҳурматашро ба ҷо меовардем. Марти ногаҳонии падар ба дӯши мо ташвиши ҳаётро партофт. Бо ёрии бародарам Тӯрабой ба сохтмони роҳи Шаҳрисабз ба сифати қаровул ба кор даромадам. Баъдтар рондани экскаторро ёд гирифтам. Солҳо мегузаштанд. Аз вазифаи автогрейдерчиӣ ба вазифаи механики калон гузаштам. Дар ҷавонӣ илмомӯзиро орзу мекардам. Ин орзу маро ба политехникуми шаҳри Қаршӣ овард. Баъди хатми он ба шӯъбаи ғоибонаи «Фанҳои умумтехникӣ ва меҳнат» низ дохил шудам. Баъд вазифаи сармуҳандисӣ ва соли 1981 роҳбарии идораи аз роҳ истифодабарии вилояти Қашқадарёро бовар карда супурданд. Аз ҳамон солҳо инҷониб мо барои равонии роҳҳо ва бехавфу хатарии он ҷавобгар ҳастем.

Муколама

— Вақти роҳсозӣ агбаҳои кӯҳиро ба ҳисоб мегиранд?

— Албатта, ҳар коре, ки ба сомон мерасонем, мувофиқи лоиҳа ва нишондодҳо ба ҷо оварда мешавад, яъне ба маҳоли «ҳафт бор чен куну як бор бур» амал мекунем. Дуруст, фаслҳои зимистону баҳор дар агбаҳои кӯҳӣ вазъияти хавфнок ба вуқӯъ меояд. Ҳамон вақт мо гуруҳи навбатдорон ташкил мекунем. Барои онҳо шароити мусоид фароҳам меорем, рӯзҳои иловагии истироҳатӣ таъин мекунем.



— Ташкилоте, ки шумо сарварӣ мекунед, на танҳо дар вилоят, балки дар ҷумҳурият ҳам аз чиҳати нишондиҳандаҳои меҳнатӣ, маълуму машҳур аст.

Мегӯянд, ки он аввал корхонаи қафомонда буд...

— Даставвал, шукронаҳо бод, ки дар мамлакатамон ба туфайли истиқлол дигаргуниҳои азим ба амал омаданд. Аз он ҷумла, дар ташкилоти мо ҳам. Дигар меҳнатдӯстиву масъулиятнокӣ. Кор кадом вақт пеш меравад? Он вақте ки онро кордон идора мекунад. Яъне ба кордон кор осон. Дар ҳар соҳа бояд мутахассисон кор баранд. Пешравии ҳар як корхона ба роҳбари он вобаста аст. Роҳбари илмнок, оқил, одил, тадбиргар, сахтгир, бешубҳа, дар идора меҳнати дурусти зердастонро ташкил медиҳад. Ӯ бояд ҳар рӯз дар пеши виҷдони худ ҳисобот диҳад. Яъне ба гуфти шоир:

Ҳар шаб зи ҳудат бипурс агар тӯ мардӣ,
К-имрӯз чи хидмате ба мардум кардӣ.

Шукри худо, ташкилоти мо яке аз бонуфузтарин ташкилотҳои вилоят ба ҳисоб меравад. Аъзоёни ҷамоаамон тифоқ. Якдигарро ҳангоми тӯю маъракаҳо дастгирӣ мекунанд. Дар вақти таътили тобистона фарзандони ҳамаи онҳо дар истироҳатгоҳҳо дам мегиранд. Занон ба сиҳатгоҳҳо ройгон роҳхат мегиранд. Ҳар сол қариб 20-30 млн сӯм маблағро барои ёрӣ ба маълӯлон, собиқадорон ва оилаҳои камбизоат ҷудо мекунем. Инчунин мактаби рақами 33-и шаҳри Қарширо ёрию дастгирӣ мекунем.

Ба ҷои хотима

Қурбон Панҷиев зодаи деҳаи Дуоби ноҳияи Қамашии вилояти Қашқадарё мебошад. Дуобиён бо чунин фарзанди барӯманди хеш ифтихор мекунанд. Даҳ фарзандаш бо роҳи ӯ, роҳе, ки ба савобҷӯй мебарад, равонанд. Ҳамсараш Бозорхол-апа бошад, 42 сол боз бо ӯ бори зиндагиро мекашад. Ӯ такягоҳи шавҳар, дар вақтҳои душворӣ тасаллии дилаш...

Ман бошам, аз кашфи қаҳрамони замонаамон— тоҷикмарди асил масрурам.

Улдон ҚАРАЕВА
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.

Дар акс: 1. **Қурбон ПАНҶИЕВ.** 2. **Қурбон ПАНҶИЕВ** дар ҳалқаи дӯстон.

Конгресси яҳудиёни бухории ИМА ва Канада

Юсуфи Понюзӣ

Сафарнома

(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта)

Ҳамон рӯз дипломатҳои ӯзбекистонӣ боз ба ду ҷои дигар раҳсупор шуданд. Ба ман ҳам пешниҳод намуданд. Ман яке аз онҳоро интихоб кардам. Ҳамон рӯз соати 12 ифтитоҳи мактаби рақси Малика буд. Бале, ҳамон Маликае, ки на танҳо дар Тоҷикистону Ӯзбекистон, балки дар тамоми собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ маълуму машҳур. Ҳунарпешаи хизматнишондодаи Иттиҳоди Шӯравӣ, устоди санъати рақс Малика Қаландарова, аниқтараш Калонтарова. Ториху тамаддуни яҳудиёни бухорӣ бо ториху тамаддуни мардуми Осиёи марказӣ омезиш ёфтааст. Онҳо дар сарзамини Осиёи Марказӣ ба дунё омада, маҳз дар асоси тамаддуни ин сарзамин на танҳо парвариш ёфтанд, балки ба рушду инкишофи санъату маданияти он саҳми арзанда гузоштаанд. Санъати рақс, мусиқа, театр, кино дар Тоҷикистону Ӯзбекистон маҳз бо иштироки фаъолонаи яҳудиёни бухорӣ инкишоф ёфтааст. Барои мисол номҳои зиёдеро аз намояндагони яҳудиёни бухорӣ вирди забон овардан мумкин. Яке аз онҳо ситораи рақси машриқзамин Малика мебошад. Вақте ки ба саҳна Малика мебарояд ба санъати волои вай на танҳо тоҷикону ӯзбекон ба ваҷд меоянду кафкӯбиҳо мекунанд, балки тамоми миллатҳои сокини собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ қойил мешуданд. Ба зайли замон баъди солҳои бозсозӣ ва махсусан фурӯравии империяи коммунистӣ ҷараёни муҳоҷирати яҳудиёни бухорӣ ба сарзамини падарон ба Исроил оғоз ёфт. Бисёриҳо ба Исроил ва Амрико, дигар мамолики рӯи замин ҳиҷрат карданд. Малика ҳам дар ин маҷро бо аҳли оилааш Иёлоти Муттаҳидаи Амрикоро интихоб кард. Дар боло гуфта будем, ки танҳо дар Бруклини Ню-Йорк ва рӯи омор беш аз 30 ҳазор русзабонон зиндагӣ мекунанд. Аммо бояд хотиррасон намоям, ки дар ин шаҳри азим беш аз 50 ҳазор нафар намояндагони яҳудиёни бухорӣ зиндагӣ ба сар мебаранд. Онҳо бештар дар ноҳияи Квинси Ню-Йорк ҷамъулҷамъ зиндагӣ ва кор мекунанд. Ҳамин ҷо онҳо театри драмавӣ, лӯхтакӣ, ресторан, ошхона, тӯйхонаҳои худро кушодаанд.

Инак, мактаби рақси Малика Калонтарова. Он ҳам моҳи июни соли 2000 маҳз дар ҳамин ноҳия кушода шуду дар ифтитоҳи он банда ширкат варзид. Дар таҳхонаи метрои Квинс, толори тақрибан 200 метри мураббаъ мактаби навбунёди рақси Малика ҷой гирифтааст. Гарчи барои санъати волои ин ҳунарпеша чунин як толор хеле хурд аст, бо вуҷуди ин дар ин ҷо намояндагони аҳли санъат, адаб, сиёсатмадорону шумораи хеле ками тамошобинон ҷамъ омадааанд. Дӯхтаракҳои ширину барно, наврасакҳои зебо дар либосҳои миллии мардуми Бухоро ба саҳна мебароянд. Таҳти мусиқаи гуворо онҳо ба рақс меафтанд. Чандин рақсҳоро бо маҳорати калон адо намуда, ба кафкӯбию гулҳои тару тоза сазовор мегарданд. Онҳо шогирдони маликаи саҳна, дастпарварони Маликаболи Аврупо ва умуман ҷаҳон шӯҳрататонро садчандон фузун мегардонанд, ба қалби миллионҳо нафар шодӣ ва сурур, фараҳ мебахшанд. Намедонам онҳо ба он мартабае, ки шумо расидед, мерасанд ё не, вале мухлисони шумо дар рақси онҳо маҳз шуморо, меҳнататонро мебинанду мегӯянд: «мисли Маликаи худамон рақс мекардааст!» Худатон ҳоло ҷавонед ва умедворем, ки солҳо бо ҳунари гуворои худ ҷаҳониён ва махсусан мухлисони деринаи худро шоду масрур мегардонед. Шумо дар ну ҳастанд. Ҳанӯз дар Шӯравӣ дар бораи маҳорату меҳнатқ-аринии Малика Калонтарова бисёр шунидаам. Соатҳо дар саҳна аракӣ ҷабин рехтанашу ҳатто ба ҳар рақс либосҳоро ҳам худаш дӯхтанашро. Дар ин ҷо худаш таҳиягар, интихобкунандаи мусиқа, либос, ба саҳнагузор ва балетмейстери асосию устози мушфиқ.

Намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятии Амрико, шаҳри Ню-Йорк, намояндагони дипломатии Ӯзбекистону Тоҷикистон ба сухан баромада, дар бораи Малика ва мактаби ташкилкардаи ӯ суханони гарму ширин гуфтанд, табрик карданд. Ҳанӯз дар дами дар моро Малика ва барандаи барнома Рафаэл Некталов пешвоз гирифта буд. Дуюмӣ ба назди ман омада пурсид, ки оё ман ҳам сухан мекунам. Гуфтам, ки ман шахси расмӣ нестаму намояндагони дигари гурӯҳамон сухан мекунанд, вагарна, ман ҳозирам аз самими қалб Маликабонуро табрик гӯям. Вале барои журналист ҳеҷ гоҳ дер нест, вақташро ёфта дар навиштаҳояш ёдовар мешавад. Имрӯз чунин мӯҳлат расид.

— Маликабону бо ифтитоҳи мактаби нави рақсатон дар қалби Амрико — шаҳри Ню-Йорк аз таҳти дил самимона табрик мегӯям! Маҳороту шогирдони Шумо, дастпарвароии Шумо дар ин толори танг, ки ба ман қаср барин намуд, ҳар қадар сайқал ёбад, дар тамошогаҳҳои фароҳу калон онҳо ҳамчун кабутар озод парвоз мекунанд. Ин раққосаҳои хурдсол, ин паривашҳои наврас, ки имрӯз дар толори хурд хиромонанд, фардо дар намоишгоҳу саҳнаҳои бузурги Амрико, мамо-Тоҷикистони азиз ба қуллаи баландтарини санъати рақс расидед. Ҳамон ҷо ҳамчу ҳунарпешаи мардумии СССР шинохта шудед. Яъне тамоми мардуми сокини Иттиҳоди Шӯравии собиқ санъати баланду беҳамтоатонро тан гирифтанд. Умед аст, ки дар Амрикову Исроил ва тамоми дунё ба санъататон баҳои арзанда медиҳанд. Ба Шумо, шогирдони имрӯза ва дастпарварони ояндаатон парвозҳои баланд орзу дорам Малика! Ас имконият истифода намуда бо зодрӯзатон табрик менамоям!

Алҳол яҳудиёни бухорӣ дар бисёр мамолики дунё зиндагӣ мекунанд. Онҳо ҳамватанони моанд. Дар Канада, Олмон, Австрия... ва ниҳоят Амрико. Ба ин ҷойҳо ҳам санъати мусиқа, рақси худро овардааанд, анъанаҳои моро идома медиҳанд. Дар ин ҷо онҳо театри драмавии «Возрождение» («Эҳё») доранд, ки имсол ба синни ҳафт даромад. Музеи либосҳои миллии яҳудиёни бухорӣ амал мекунад. Маҳз яҳудиёни бухорӣ ресторанҳои Тоҷикистон, Самарқанд, Наргис, Суғдиёна, Ӯзбекистонро дар сарзамини амрико кушодааанд. Дар ин ресторанҳо аксар вақт оши калон медиҳанд. Аз Ӯзбекистону Тоҷикистон дегҳои калони чаҳору ҳаштгӯшаро бурда, ба ин ё он муносибат гӯё дар Бухорову Самарқанд ё Тошканду Душанбе бошанд, барои ҳазорҳо нафар ош дам мекунанд. Дар маҳаллаи яҳудиёни бухории Квинс бошад, се танӯри калон ҳамеша пури оташ аст. Як ноҳӣи зебои Самарқандро мепазанд, ки аз мазаи лаззатноки он чандин ҳамватанон, аз ҷумла ҳунарпешаи шоистаи мардумии Иттиҳоди Шӯравии собиқ Ҷӯрабек Муродов, ману даҳҳо ҳазор мо баринҳо лаззат бурдааанд. Палав, лағмон, шӯрбо, мастоба, мампар, манту, самбӯса ва анвои кабобҳои мо дар Ню-Йорк ба бисёрҳо шинос аст, ки ин ҳам ба туфайли яҳудиёни бухорӣ гӯем хато намешавад. Дар Исроил ва дигар мамолик ҳам яҳудиёни бухорӣ масканҳои мадаанӣ-маишии худро барпо намудааанд. Аз ҳама муҳимаш яҳудиёни бухорӣ ба хорич аз Ӯзбекистону Тоҷикистон рафтааанд, аммо бо ин ҷамоҳир робитаҳоро тарафт мустаҳкамтар менамоянд. Аз ҷумла, дар театри «Возрождение» бисёр намоишномаҳо аз ҳаёти ин ҷумҳуриҳо гирифта шудааанд. Тобистони соли 2000 маҳзакаи нависандаи мардумии Ӯзбекистон Саид Аҳмад «Исёни арӯсон» ба саҳна гузошта шуд. Инчунин бисёр асарҳои нависандагони Тоҷикистон рӯи саҳнаи ин театрро дидааст. Ҳар сол артистони ин театр, гурӯҳҳои эстрадӣ ба саросари ин ду ҷамоҳир мераванду аз он ҷо дастаҳои санъатӣ ба меҳмонӣ меоянд. Агар ҳунарпешаҳои шинохта Илёс Маллаев, Муҳаббат Шамаева ва гурӯҳи эстрадии онҳо порсол тобистон ба Ӯзбекистон омада бошанд, дере нагузашта, ба муносибати 10-солагии ташкили Ӯзбекистон гурӯҳи эстрадии Ӯзбекистон (моҳи октябр) дар саҳнаи театри «Возрождение» баромад карданд. Дарвоқеъ, «дер ояду шер ояд» гуфтагӣ барин шоир, бастакор, овозхони варзида Илёс Маллаевро бо зодрӯзаш табрик намуда, қалами бурро, фикри зуккo, овозу парвози баланд орзу мекунем!

Аммо фаъолияти яҳудиёни бухорӣ дар Амрико фақат рақсу суруд гӯем хатои калон мешавад. Онҳо ҳариф, ки ҳамаи соҳаҳои зиндагиро фаро гирифтаанд. Бисёр шифокорон, муҳандисон, меъморон, архитекторҳо, ҳуқуқшиносон дар зиндагии рӯзмарраи Амрико фаъолона ширкат меварзанд.

Яҳудиёни бухории Амрико рӯзномаи худро доранд. «Олами яҳудиёни бухорӣ» чунин ном аст ӯро. Он аз моҳи марти соли 1996 интишор мешавад. Ҳафтае як бор чиҳил саҳифа чоп мешавад. Ба забони руси, агар мавод бошад ба забони тоҷикӣ ҳам чоп мекунанд. Дар баъзе мақолаҳои русӣ барои ба хонанда фаҳмо шудан калимаҳои тоҷикӣ, иврит ҳам истифода мешаванд. Рӯзнома бурду бохтҳои худро дорад. Танҳо як камбудиаш мавод ба забони тоҷикӣ кам чоп мешавад. Албатта, инро камбудӣ ҳам гуфтан душвор, аммо аз эҳтиёҷ ҷараён мегирад. Баъзе шоирон маҳз ба тоҷикӣ менависанду ҳамин хел чоп мекунанд. Шояд ин сабабҳои техникии чопи ҳуруфоти кирилӣ ҳам бошад. Вале рӯзнома вазифаи худро ҳамчун минбари халқ, ташкилотчӣ, гирдоваранда, муттаҳидкунанда, тарғибгару роҳ нишондиҳанда хуб иҷро мекунад.

Чӣ сабаб, ки яҳудиёни бухорӣ дар Амрико барои зиндагию дамгирӣ чунин шароите ба вуҷуд овардааанд? Унвони мақолаамон ба ин ҷавоби хубе шуда метавонад. Конгресси яҳудиёни бухории ИМА ва Канада. Ин маркази ба худ хоси миллие мебошад, ки тамоми кори таълим, таҳсил, тарбия, бо кор таъмин кардан, ҷо ба ҷо гузоштан, театр, музей, дамгирӣ ва фароғати яҳудиёни бухориро ба ҳуда гирифтааст. Сарвари он, президенти Конгресси яҳудиёни бухории ИМА ва Канада, собиқ бошандаи шаҳри Тошканд Борис Қандов мебошад. Ӯ яке аз сарватмандтарин намояндагони яҳудиёни бухорие мебошад, ки дар тамоми корҳои ҷамъиятӣ фаъолона иштирок менамояд. Ташкили театр, мактаби рақси Малика, тарбияи кадрҳо, омӯзиши маҷмӯи забони инглисӣ (Қаландарова), газета, кӯмакбухории муқими Амрико шояд ба ин корҳои хайр маблаг медодагистанд, аммо на дар ҳамаи корҳои ташкилӣ ширкат меварзанд. Аммо Борис Қандов меёбад. 28 август ба Тошканд омад, ки дар ҷашнҳои Ӯзбекистону Тоҷикистон ширкат варзад. Чанд рӯз пеш бо сарварони Исроил вохӯрд, бо меҳмонони ҷамъияти сӯҳбат орост, дар тақсимбандии 142 стипендияи ХИАС, вохӯрии ветеранҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон, мулоқот бо сафири Ӯзбекистон, ташкили фонду ассотсиатсияҳо, филмбардории «Кишвари ман — Ӯзбекистон», «Тоҷикистон дар дили ман» ва ғайраву ғайраҳо иштирок намуд.

Дар сафари пеорсолаам ин мардро ҳини кушодани мактаби рақси Малика дида будам. Аввалин суханро ӯ гуфта буд. Порсол ҳангоми бозгашт дар ҳавопаймо шинос шудем. Дар Бирмингеми Британияи Кабир дар толори интизорӣ бо президенти Конгресси яҳудиёни бухории ИМА ва Канада Борис Қандов ва сарвари Маркази миллии тоҷикони ИМА Зоҳирҷон Яъқуби шахсан шинос шудам. Бо ҳамдигар тақрибан се соат сӯҳбат кардем. Афсӯс, ки пештар ин ба ман муяссар нашуда буд, махсусан шиносӣ бо оғои Яъқуби. Рӯзномаи «Олами яҳудиёни бухорӣ» дар бораи фаъолияти Конгресс пурра ахбор медиҳад. Танҳо чанд кори ин ташкилот аз фаъолияти он дар Амрико дар роҳи беҳтар намудани неҳуҳаволии шароити зисту зиндагонӣ, таълиму тарбияи яҳудиёни сокини он кишвар шаҳодат медиҳад. Конгресс солҳои охир бо ташаббуси бисёр нек ва босавоб баромад карда, аллакай мукофоти амалро гирифт. Бо ташаббуси Конгресс фондҳои «Тоҷикистон», «Тошканд», «Самарқанд», «Бухоро», «Андиҷон» ташкил карда шудааанд. Онҳо асосан бо корҳои савоб машғул мешаванд. Бо маблаги ҷамъ кардашуда дар шаҳрҳои Ӯзбекистону Тоҷикистон қабристонҳои яҳудиёни бухорӣ обод карда, ба онҳо обу барқ гузаронда мешавад. Қабристонҳо пурра аз алаф, дигар ашгол тоза карда мешавад. Дарахтҳои хушкшударо бурида мепартоянд. Аз рӯи тарминоти азнавсозии қабру ёдгориҳо хеле корҳо ба амал бароварда шуд. Гуруҳи махсус харитаи ҷо ба ҷошавии қабрҳо, шуморагузории онҳоро дар қабристонҳои дар Тошканд будаи яҳудиён ба ҷо меоварад. Аз рӯи ҳуҷҷатҳои таҳиягардидаю лоиҳаи техникӣ 130 метри тӯлонӣ девор сохта мешавад. Боз 120 метри тӯлонӣ девор нав карда ҳоҳад шуд. Барои васеъ кардани ҳудуди қабристон харидани замини дар назди қабристон воқеъбуда дар назар дошта шудааст. Раёсати фонд бо мақсади иҷрои корҳои минбаъда маблаг ҷудо карданро дар назар дошта, ба воситаи рӯзномаи худ ба тошкандиёни собиқ, ки ҳоло дар Амрико, Канада, Австрия, Олмон ва дигар мамолики дунё ба сар мебаранд, мурочиат намуд, ки барои дар ҳолати хуб нигоҳ доштани қабрҳои хешовандон дар ду қабристони Тошканд ҳар оила моҳе 10 доллари хайр кунанд. Вазифаи фонди «Тоҷикистон» ҳам тақрибан ҳамин аст. Баробари дар ҳолати хуб нигоҳ доштани қабрҳои яҳудиёни бухорӣ дар Душанбеву Хуҷанд, ба Синагоги пойтахти Тоҷикистон маблаг ҷудо карда мешавад. Чуноне ки маълум аст, дар ин Синагог ҳар рӯз қариб 100 нафар маҷмӯӣ ҳӯрок меҳӯранд. Барои давом додани ин кори савоб роҳҳои зиёд кардани маблагро меҷӯянд. Ассотсиатсияи «Андиҷон» бошад, баробари ин ҳама корҳо ба яҳудиёни бухории камбизоате, ки дар шаҳри Андиҷон зиндагӣ мекунанд, ёрии моддӣ мерасонад. Соли 2000 ҷамъан 10,875 доллар харҷ шуда бошад, порсол ба туфайли ба ин кори хайр саҳм гузоштани ҳамватанони исроилӣ фонд камтар хароҷот кард.

Бо ташаббуси Конгресси яҳудиёни бухории ИМА ва Канада дар маркази ноҳияи Квинси Ню-Йорк мактаби ба куллӣ нав кушода шуд. Аз ифтитоҳи он бештар аз ним сол гузашту мактаб ба обрӯи муайяне соҳиб гашт, номаш баромад. Алҳол дар он беш аз 80 нафар меҳонанд. Аҷибаш он аст, ки дар ин маскан на танҳо яҳудиёни бухорӣ, балки чиноиҳо, русҳо ва намояндагони дигар миллатҳо ҳам таълим мегиранд. Сабаби ташкили ин мактаб дар он аст, ки бисёр муҳоҷирон ҳангоми ба кор дохил шудан асосан ба ду мушкилӣ рӯ ба рӯ мешаванд — надонистани забони инглисӣ ва аз компютер истифода бурда натавонистан. Ин мушкилотро маҳз ҳамин мактаб ҳал менамояд. Забони инглисиро донандаи ин лисон Арон Аронов ва компютерро Борис Давидов ва Владимир Кат дар синфхонаҳои махсус ҷиҳозонидашуда мебаранд. Ҳароҷоташро мепурсед? Сир ҳамин, ки барои таълим пул намегиранд. Охир мактаб маҳз барои ононе ташкил карда шудааст, ки пули зиёде надораанд. Мактаб аз ҳароҷоти штат таъмин карда мешавад.

Дар ҳамаи ин корҳо фарзанди содиқи миллат Борис Қандов саҳми сазовор дорад. Ин, албатта, корҳои хайри Конгресс ва ҳамаи аъзоёни идории он аст, аммо мақоми президенти он Борис Қандов намоён аст. Чун зодаи Душанбеву аз 7-солагӣ дар Тошканд тарбия ёфтааст, ин шаҳрҳоро Тоҷикистону Ӯзбекистонро сарзамини худ медонад. Агар ба ҳиҷрataш 14 сол шуда бошад, пас аз солҳои истиқлол ҳамасола барои ҷашнгирии солгарди истиқлолият ба Тоҷикистону Ӯзбекистон меояд.

Яҳудиёни бухории ҳоло дар Амрико, Канада, Олмон, Австрия, Исроил ва ғайра мамолик зиндагикунанда фаъолияти пурбаракоти Конгресс, аъзоёни он ва махсусан президенташ Борис Қандовро муносиб тақдир менамоянд ва ҳамеша барояш саломатӣ, умри дароз орзу менамоянд, дуои ҷонашро мекунанд.

(Давом дорад).

Навгониҳои Тоҷикистон

Танқиди фаъолияти Кумитаи ҳифзи сарҳади давлатӣ

Дар Душанбе маҷлиси ҳайати васеи Кумитаи оид ба ҳифзи сарҳади давлатии назди Ҳукумати Тоҷикистон ба амал омад. Дар суханронии худ сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмонов вазъи интизомро дар қисмҳои ҳарбии Кумитаи оид ба ҳифзи сарҳади давлатӣ ба зери тозиёнаи танқид гирифт, ки дар онҳо далелҳои сершумор аз ҷонибі командирон, ҳамчунин зертобеони онҳо ойди қонунгузорӣ ва тартиби ҳуқуқиву ҷамъиятӣ халалдоркуниҳо рух додаанд. Миқдори чунин ҷиноятҳои сахти ҳарбӣ кам намегарданду бар асари он хизматчиёни ҳарбӣ дар натиҷаи муносибатҳои ғайриқонунӣ мефавтанд. Дар кори байни кадрҳо камбудиҳои ҷиддӣ мавҷуданд.

Ҳамчунин ҳодисаҳои рафтори нодурусти як қатор афсарон, минҷумла ҳангоми сафари хидматӣ дар хориҷ ва дар давраи таҳсил берун аз ҳудуди Тоҷикистон сар зада, далелҳои алоқаманд будани онҳо ба дуздии амволи давлатӣ, нашъаҷаллоби, гайриқонунӣ истифода бурдани силоҳ ва ҳиҷрати ғайриқонунӣ ҷой доранд.

«Агар дар вақтҳои наздик амалан пешравиҳои мусбӣ рух надиҳанд, дар он сурат масъалаи барҳам задани Кумитаи оид ба ҳифзи сарҳади давлатӣ ҳамчун сохтори давлатии мустақил ба миён гузошта мешавад» — изҳор намуд Президент Э.Раҳмонов. Вай хабар дод, ки тамоми ҷонишинони раиси кумита-генерал-майор Сафаралӣ Сайфуллоев, полковник Маҳмудбек Аҳмадов, Аллодуст Гураев ва Ҳаким Қаландаровҳоро аз вазифаашон сабкдӯш намуд. «Тақдири минбаъда ва вазифаи хидматии онҳо баъди аттестатсия маълум мегардад», — гуфт Э.Раҳмонов. Ба командирони бригадаҳои сарҳадбон генерал-майор Саидшо Шамолов ва полковник Қурбон Чолов тавсия карда шуд, ки ба дигар кор гузаранд.

Сарвари давлат дар назди парлумони мамлакат масъалаи аз вазифаи ҷонишини раиси Коллегияи ҳарбии Суди Олии мамлакат сабкдӯш кардани Иззатулло Ҷабборовро гузошт.

Ҳамкорӣ бо ИА вусъат меёбад

Иттиҳоди Аврупо барои мамлакатҳои Осиёи Марказӣ 50 миллион евро ҷудо мекунад. Қисми зиёди он барои рушди иқтисодиёти Тоҷикистон харҷ мегардад. Дар ин бора сафир, сарвари намояндагии Иттиҳоди Аврупо Аллан Ваддамс дар конфронси матбуот барои паёмнигорони маҳалливу хориҷӣ аз руи натиҷаҳои сафари худ ба ҷумҳурият изҳор намуд.

Аллан Ваддамс зикр намуд, ки мақсади асосии сафари ӯ аз нав ба роҳ мондани хатти расондани кӯмак ба Тоҷикистон аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо, ҷустуҷӯи роҳҳои минбаъда вусъат додани ҳамкорӣ буд. Аз рӯи суханони вай, Иттиҳоди Аврупо бештар пайваста баланд шудани аҳамияти Тоҷикистонро дар минтақа ҳис мекунад ва он асосро барои вусъату инкишофи ҳаҷми ҳам кӯмаки инсонпарварона ва ҳам мадад расондан ба рушди соҳаҳои муҳими иқтисодиёти ҷумҳурият ба вуҷуд овардааст.

Наҷотдиҳандагон ҷамъбаст мекунанд

Маҷлиси ҳайати Вазорати оид ба вазъияти фавқулодда ва корҳои дифои шаҳрвандии Ҷумҳурияти Тоҷикистон ба амал омада, дар он натиҷаҳои кори ташкилотҳои вазорат дар соли 2001 ҷамъбаст гардида, вазифаҳои нав барои соли кунун муайян гаштанд. Оид ба ин масъала сарвари вазорат генерал-майор Мирзо Зиёев маърӯза намуд. Вай зикр кард, ки дар давраи ҳисоботӣ таркиби шахсии вазорат корҳои бузурго оид ба пешгирӣ кардану барҳам задани оқибатҳои вазъияти фавқулодда ва офатҳои табиӣ ба иҷро расонд. Мисоли равшани чунин кӯмак кори очилонаи ВВФ ойди барҳам задани оқибатҳои заминларзаи сахт дар атрофи Роғун шуда метавонад.

М.Зиёев зикр намуд, ки барои беҳдошти фаъолияти ташкилотҳои вазорат ҳамкории зич ва мубодилаи таҷриба бо ҳамкорон аз Россия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Туркманистон, як қатор ташкилотҳои байналхалқӣ ба роҳ монда шудааст. Ташкилотҳои байналхалқӣ ба бунёди ВВФ Тоҷикистон қариб 2 миллион доллар гузарондаанд.

Хеле муҳим будани ҳамкорӣ дар бобати омӯзондани кадрҳо ва пешкаш кардани таҷҳизоти техникӣ ба умури наҷотдиҳии ҷумҳурият ба забон гирифта шуд. Масалан, ба туфайли чунин ҳамкорӣ бо россиягиён соли гузашта қариб сад нафар наҷотдиҳандаи касбии тоифаи байналхалқӣ тайёр карда шуд.

15 килограмм ҳероин

Сарҳадбонони Тоҷикистон ҳангоми амалӣ гардондани тадбирҳои оҷилии ҷустуҷӯкунӣ манзилро ошкор сохтанд, ки дар он ҷо моддаҳои нашъамандӣ маҳфуз будааст. Дар ин манзил 15 халтача ҳероин ёфт шуд. Аз рӯи далели мазкур сокини ноҳияи Фарҳор Маҳмуд Носиров ба даст афтод. Истинтоқ давом дорад.

«Туркистон-пресс» — «Ховар».

Ба ҷои табрик

Фидоие дар ҷодаи илму адаб

Ӯ ҳанӯз хурдсол буд, ки лафзи арабиро шунавида, дар зеҳни худ менишонд. Дар хонадони онҳо зуд-зуд мӯйсафедони нуроniву намозхон ҷамъ омада, бо падараш мулло Абдурасул сӯҳбатҳои гарму дилнишин, қиссахониҳо мекарданд. Мулло Абдурасул мадрасаи Миёнколро хатм намуд ва бинобарин муллои касбӣ ҳисоб мерафт. Модараш момои Тӯхтаой саводи кӯҳна дошт, байтҳои халқӣ мехонд.

Дар маҳфилҳои адабию бадеии мактаб, ки таҳти сарпарастии муаллимони шодравон Эҳсон Муродов, Ӯзбекбой Рӯзиев сурат мегирифт, фаъолона ширкат меварзид ва навгониҳое меофарид. Дар намоишҳои саҳнавӣ одатан нақшҳои мусбиро он тавре ки нависанда тасвир карда бошад, бо мавқеаш иҷро мекард.

Назрулло пас аз хатми мактаби миёнаи зодгоҳаш деҳаи Эҷ ба Душанбе омада, толеи худро дар бахши арабии факултаи ховаршиноси санҷид. Хушбахтона аз имтиҳоноти устодони сахтгираш бо муваффақият гузашта, донишҷӯ гардид. Он дақиқаҳо шодии ӯ ҳадду канор надошт. Дар пеши вай уфуқҳои нопайдоканори баҳри беполёни илм падид омаданд. Ӯ аз забоншиносони маъруфи арабидон Ҳасан Иброҳим ал-Наккӯш, Фарҳод Деҳотӣ, Владимир Павлович Демидчик, Комил Мусофиров, Ҳалимҷон Мӯъминов асрори забони арабиро донista гирифт. Илми балоғату фасоҳати суханро омӯхт. Дар баробари ин санъати сухан, асрори тарҷумонӣ ва нотиқиро низ аз устодони каломи бадеъ бо паҳлуҳои гуногунаш азбар намуд. Рӯзномаи факулта «Шарқшиноси ҷавон»-ро ба дӯши ӯ бовар карда супурданд. Ҳамин тавр дар фаъолияти илмиву эҷодии ӯ марҳилаи наве оғоз ёфт. Алалакай дар солҳои донишҷӯи ӯ ба чор забон — тоҷикӣ, ӯзбекӣ, русӣ ва арабӣ бо хабару мақола, лавҳа, очерк, ҳикоя ва тарҷумаҳои бадеии худ дар саҳифаҳои рӯзномаҳои «Комсомоли Тоҷикистон», «Маориф ва маданият», «Совет Тоҷикистони», «Вечерний Душанбе» ва радиои ҷумҳурӣ мавриди назари аҳли илму адаб гардид. Бе ҳуда набуд, ки ӯро пас аз хатми донишгоҳ ба бахши гуфторҳои форсӣ барои Эрону Афғонистон ба кор даъват намуданд. Ду соли кори пурмаҳсул ва пуршиддат ӯро ҳамчун хабарнигори варзида ташаккул дод. Пайваста бо он корҳои илмию пажӯҳишии худро оғоз кард. Доктори фанҳои филологӣ, профессор Р.Ғаффоров ӯро ба навиштани очерки илмӣ дар мавзӯи «Истеъмоли калимаҳои араби дар шеваи кӯҳистониёни вилояти Самарқанд» роҳнамоӣ кард. Пас аз таҳияи очерк устоди мӯҳтарам Р.Ғаффоров аз он воло арзёбӣ намуданд ва дар роҳи илм фотиҳаи хайр доданд. Соли 1981 ӯро ба сафи Қуввaҳои Мусаллаҳ ба сифати афсар-тарҷумони забони араби ба хидмат даъват намуданд. Вай як соли комил дар саҳроҳои Туркманистон ва сипас ду солу ду моҳ дар Ироқ ба ҳайси тарҷумон ифои вазифа намуд. Ин safарҳо ҷаҳонбинии ӯро фарохтар намуда, вайро ба оламе дигар бо одамони гуногунмансабу гуногунмазҳаб ва гуногунтақдир рӯ ба рӯ сохт. Дар чунин рӯзҳои хидмати низомӣ низ ба тангии вақт нигоҳ накарда, аз илму эҷод даст намекашид, аз осори гаронмояи адибони араб тарҷумаҳое анҷом медод. Пас аз safари хориҷ ӯ тайи чанд вақт сарпарастии гурӯҳи муҳассилини Афғонистонро ба дӯш гирифт.

— Кору заҳмат бо онҳо ба ман имкон доданд, ки аз ғановатӣ таровати забони ноби форсӣ беш аз пеш баҳраварӣ гардам. Бо эҷоди Борис Шафеи ва Сулаймон Лоиқ аз наздик ошноӣ пайдо кунам. Ва қаробати лаҳҷаҳои дарӣ ва кӯҳистонии худамонро ба хубӣ эҳсос кардам, — ба ёд меорад Расулзода, — ҳамкориро бо устодон Р.Ғаффоров ва Б.Шермуҳаммадов идома додам. Мутаассифона шароити номусоиде пеш омад ва ман азми диёр намудам. Ҳудуди ду сол дар яке аз мактабҳои вилояти Ҷиззах аз забони англисӣ ва ду соли тамом дар мактаби деҳаи худ аз забонҳои русию форсӣ ба шогирдон сабақ додам, — нақлашро идома медиҳад ӯ. — Бори дуввум safари камина ба хориҷ сурат гирифт. Ин safаҷа safари Африқо — дар Ҷамоҳирияи Араби Либиё ба ҳайси тарҷумон ифои вазифа намудам.

Ба шарофати истиқлол ва бозсозӣ барои эҳёи забону фарҳангҳои миллӣ шароит фароҳам омад. Назруллои соҳибфарҳанг ва соҳибназар бори аввалину охирин дар кумитаи радиои вилояти Ҷиззах бахши гуфторҳои тоҷикиро таъсис намуд. Дар ин ҷараёни кор низ аз машаққатҳо рӯ натофта, ба дурии роҳ нигоҳ накарда, ба мавзеъҳои дурдасттарини тоҷикнишин рафта, аз ҳаёти деҳотиён гузоришҳое таҳия намуд. Баробари ин бо радиои ҷумҳурӣ низ ҳамкорӣ дошт ва дорад. Ин ҳамзамон тавре ки давр тақозо мекард, номбурда чандин курсҳои омӯзишии алифбои арабиасоси ниёгон, забонҳои форсӣ ва арабиро бори нахуст дар шаҳру вилояти Ҷиззах кушод. Дар он садҳо нафар хоҳишмандон ҷамъ омаданд.

Аз ин фаъолияти босубути ӯ маъмурияти Донишкадаи омӯзгории Ҷиззах огоҳ гардида, ректор Б.Ӯрунбоев эшонро ба ҳузури худ пазируфта, ниёзмандии донишкадаро ба мутахассиси форсидону арабидон бозгӯ намуд. Ӯ кори ҳудро дар радио ба дӯши шахси дигар вогузор карда, ба ин даргоҳи илмӣ ба кор омад.

Ӯ кори тадқиқотии худро дар мавзӯи эҷодиёти Бобур идома дода, дафъае ба шаҳри Машҳади Эрон safари илмӣ анҷом дод. Зимни safар дар китобхонаи дастнависҳои ноёби ба номи Имом Разавӣ бори аввал бо нусхаҳои қадимии «Каломи Шариф» шинос шуда, аз чумла бо дастнависи Бобур, ки онро бо хати худ (он дар таъриҳи илм бо «Хатти Бобурӣ» машҳур аст) дар Ҳиндустон ҷо Расулзода лавҳаеро ёдовар мешавад:

— Моҳи маи ҳамон сол аз Душанбе ба муносибати 80-солагии адиби шинохтаи ӯзбек Ҳ.Олимҷон ду шаҳсутуни насри тоҷик устодон Ф.Ниёзӣ ва Ҷ.Ичромӣ ба шаҳри Ҷиззах ташриф оварданд. Банда муддати як ҳафта ҳамчун мутасаддии меҳмонони тоҷикистонӣ аз сӯҳбатҳои дилнишини онҳо баҳраварӣ гардидам ва чандин мусоҳибаҳоеро бо онҳо анҷом дода, аз тариқи радио пахш намудам.



Ҳамзамон тавре ки давр тақозо мекард, номбурда чандин курсҳои омӯзишии алифбои арабиасоси ниёгон, забонҳои форсӣ ва арабиро бори нахуст дар шаҳру вилояти Ҷиззах кушод. Дар он садҳо нафар хоҳишмандон ҷамъ омаданд.

Аз ин фаъолияти босубути ӯ маъмурияти Донишкадаи омӯзгории Ҷиззах огоҳ гардида, ректор Б.Ӯрунбоев эшонро ба ҳузури худ пазируфта, ниёзмандии донишкадаро ба мутахассиси форсидону арабидон бозгӯ намуд. Ӯ кори ҳудро дар радио ба дӯши шахси дигар вогузор карда, ба ин даргоҳи илмӣ ба кор омад.

Ӯ кори тадқиқотии худро дар мавзӯи эҷодиёти Бобур идома дода, дафъае ба шаҳри Машҳади Эрон safари илмӣ анҷом дод. Зимни safар дар китобхонаи дастнависҳои ноёби ба номи Имом Разавӣ бори аввал бо нусхаҳои қадимии «Каломи Шариф» шинос шуда, аз чумла бо дастнависи Бобур, ки онро бо хати худ (он дар таъриҳи илм бо «Хатти Бобурӣ» машҳур аст) дар Ҳиндустон кӯчонда, ба Маккаи Мукаррама роҳӣ карда буд, бархӯрд намуд. То ҳол ба аҳли илм дар кучо маҳфуз будани «Хатти Бобурӣ» маълум набуд. Он ҳамчун кашфиёти илмӣ дар Фарҳангистони улуми Ӯзбекистон эътироф гардид.

То ба имрӯз Н.Расулзода муаллифи беш аз шашсад номгӯй мақола, монография, рисолаҳои илмӣ, луғатҳои дарсии чандзабона, матнҳои илмӣ-танқидӣ, таҳдилҳои матнӣ, нақли адабӣ-бадеӣ, тарҷумони асарҳои адабию бадеӣ ба забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ, русӣ ва арабӣ мебошад.

Ҳозир ба сифати муҳаррири бахши тоҷикии нашриёти «Ӯзбекистон» дар тарҷума ва таҳрири китобҳои дарсӣ саҳми арзанда мегузорад. Баробари ин муовини раиси Шӯрои илмӣ-методии маркази таълими ҷумҳурӣ мебошад. Бо чунин чеҳраи шинохта ва фидоии илму адаб, ки номбардори деҳу диёраш аст месазад мардуми кӯҳпораи Нурато бифахрад ва ӯро гиромӣ бидоранд.

Н. Расулзода чилупанҷсола шуд. Ӯро бо зодрӯз муборакбод намуда, тани сиҳҳат, бурдбориҳои минбаъдаро таманно дорем.

Ғ. БЕКНАЗАРОВ.

Ҷавонони соҳибистеъдоди мо

Дурахши ситораҳои оянда

Одатан, мусиқидонҳо мусиқинавозонро шефта ва ё ҳуд шайдои зебой, дӯстдори зебогӣ ном мебаранд. Ҳақ асту рост. Вақте ки садои маҳини мусиқӣ шунида мешавад, касро ҳуд дар олами хаёлот мебинад, ба дунёи сеҳру зебогӣ парвоз менамояд.

Ҳоҳарон Алия ва Лайло Бекироваҳо ҳам аз мусиқинавозони моҳир буда, ба ҷавон будаташон нигоҳ накарда, номашон аллакай саросари ҷаҳон машҳур гардидааст ва онҳоро чӣ дар мамлакатамону чӣ хориҷи дуру наздик ҳамчун скрипканавозони моҳир мешиносанд ва ҳурмату эҳтиромашонро ба ҷо меоваранд.

Бояд тазаккур дод, ки ҳоҳарон дар мактаби махсуси мусиқӣ таҳсил кардаанд, ки ба ҳуд номи Успенскийро гирифтааасту даргоҳи мазкурро ба миқдори зиёд дастпарвароне хатм намуда, бисёрии онҳо алҳол ба устодони соҳаи санъат мубаддал гардидааанд,номашон саросари ҷаҳон маълуму машҳур аст. Аз он ҷумла Алексей Султонов, Станислав Юденевич, Элдор Неболсон маҳз ҳамин мактабро хатм намудаанду обрӯву эътибори мактаби мусиқии ӯзбекро саросари ҷаҳон баланд бардоштаанд.

— Шумораи зиёди устодони санъат, ки алҳол номдор мебошанд, дар мактаби мусиқии ба номи Успенский таҳсили илм гирифтааанд, — мегӯянд ҳоҳарон Бекироваҳо. — Ба он бовари ҳосил кардем, ки ба комёбиҳои калон дар соҳаи санъат танҳо баъди таҳсил дар даргоҳи мазкур муваффақ шудан мумкин аст. Инро аз ҳаёти худамон ҳам мушоҳида кардан мумкин аст. Сабақҳои устодони сахтгир ба мо имкон дод, ки сирру асрори мусиқиро хуб аз бар кунем ва дар мактаби олии мусиқӣ ва театри шаҳри Гонноверӣ Олмон таҳсилро бомуваффақият идома диҳем.

Ҳоҳарон гапи ҳақро гуфтанд. Ба ин даргоҳ онҳо бо маслиҳати модарашон Татяна Кокарева омаданд, ки ҳудаш низ мутахассиси соҳаи мусиқӣ буд. Ҳамон вақт онҳо духтарони ҳафтсола буданд. Бахти духтарон тофт. Онҳоро омӯзгори сахтгиру меҳрубон Гулнора Сулаймонова ба шогирдӣ қабул карда, аз рӯзҳои аввал ҳис намуд, ки ҳоҳарон соҳиби истеъдоди нодир мебошанд ва онҳоро бо сирру асрори олами мусиқӣ ошно сохта, дар оянда ҳамчун мусиқидонони номдор ба камол расондан мумкин аст. Истеъдодашон сайқал ёфта, номашон вирди забон гардид. Алалхусус, мутахассисони хориҷӣ ба истеъдоди ҳоҳарон баҳои баланд дода, онҳоро ба озмунҳо даъват намуданд. Соли 1996 ҳоҳарон бори аввал таклифномаро дар бобати ҳунарнамоӣ кардан дар чанд шаҳри Олмон гирифтанд. Бо ҳамин майлу шавқ нисбати эҷодиёту маҳорати онҳо пурзӯр гардид. Соли 1998 ҳоҳарон дар чашнвораи «Кисинген Зоммер»-и Олмон иштирок намуда, соҳиби мукофоти калони он гардиданд. Барномаи мусиқии онҳо дар компакт-диск ҷо пайдо карда, бо теъдоди оммавӣ паҳн гардид.

Баъд safарҳо ба Лаҳистон, Чехия, Фаронса, Итолиё ба амал омаданд. Соли минбаъда Алия дар озмуни мусиқачиён ба номи Паганини дар шаҳри Генуи Итолиё иштирок намуда, ба назари мусиқидонони номдор, аъзои ҳакамот Эдуард Грач афтод ва бо ҳамин минвол safарҳои ҳунарии ҳоҳарон дар хориҷ бештар рух медодагӣ шуд.

Алҳол ҳоҳарон дар хориҷ таҳсили илм мекунанд ва ҳангоми таътил ба Тошканд омада, ҳатман ба маскани дӯстдоштаашон — мактаби мусиқии ба номи Успенский сар меҳалонанд. Консерт намоиш дода, дар дили тарбиягирандагони он орзуву умеди калонро аланга мезананд. Скрипка мудом ҳамроҳи онҳост.

— Мо як орзуи калон дорем, — мегӯянд ҳоҳарон. — Мехоҳем дар скрипкае маҳорати худро намоиш диҳем, ки тавассути он Паганинии машҳур ҳунарнамоӣ кардааст.

Орзуро айб нест мегӯянд. Ва он ҷомаи амал ҳоҳад пӯшид. Зеро ба он касе мушарраф мегардад, ки дар озмун бахшида ба Паганини ғолиб ояд. Ва озмуни мазкур ҳам ҳар сол рух намедиҳад ва на ҳар кас ҳам safи шарафи дар ин озмун иштирок кардан мушарраф мегардад.

Вале ҳоҳарон Алия ва Лайло Бекироваҳо ба ин орзуяшон албатта мерасанд. Зеро қобилияти хуби онҳо, мусиқидониашон ба ин мусоидат ҳоҳад намуд.

Дар сурат: ҳоҳарон **Алия** ва **Лайло БЕКИРОВА**ҳо ҳангоми ҳунарнамоӣ.

Аксбардор: Алишер РИСҚИЕВ. (ЎзА).

Қарор ва иҷро

Санъати миниатура: таърих ва замон

Дар қарори Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар бораи ҷашнгириии 545-солагии зодрӯзи мусаввири бузург Камолиддин БЕҲЗОД дар шаҳри Тошканд созмон додани боғи ёдгории ба номи ӯ пешбинӣ гардида, бо корҳои лоиҳакашӣ ва сохтмони боғ шуғл варзидан ба зиммаи Фарҳангистони бадеии

Ба мақсади маҳфузияти мероси эҷодии Камолиддин Беҳзод ва ба шуури халқ бештар расондани он Фарҳангистони бадеии Ӯзбекистон таклифро дар ҳудуди боғи оянда созмон додани Осорхонаи санъати миниатура пеш гузошт. Озмун барои лоиҳаи беҳтарини осорхона эълон гардид. Аз рӯи натиҷаҳои озмун лоиҳаи меъмори номдор Рихард Бледзе беҳтарин дониста шуд ва аз рӯи он сохтмон оғоз ёфт.

Ҳоли ҳозир дар бинои ҷорошёнаи Осорхонаи мазкур, толори намоишгоҳи он, ки 400 метри мураббаъро ташкил медиҳаду на танҳо дар Осиёи Марказӣ, балки дар ҷаҳон ҳам ягона ба ҳисоб меравад, корҳои пардоздиҳӣ ба анҷом мерасанд.

Ҳарчанд осорхонаи санъати миниатура расман дари ҳудро боз накарда бошад ҳам, вале дӯстдорони санъат бо нигоҳи аввалини он ошно шуданд. Дар намоишгоҳе, ки дар Қасри фарҳанги Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон ба номи Мирзо Улуғбек ба амал омад, қариб бист нафар намояндагони мактаби замонавии миниатура ҳаштод асари худро ба ҳукми тамошогарон пешкаш намуданд. Дар байни онҳо мероси эҷодии Чингиз Аҳмаров, ки ба осорхона тӯҳфа кардааст, асарҳои мусаввирони номдор, ки дар жанри миниатура меофаранд, Леким Иброҳимов, Саъдулло Абдуллоев, беҳтарин асарҳои санъати кунунии миниатура, ки ба мӯйқалами Аброр Турсунов, Анвар Исроилов, Хуршид Назиров мансубанд, силсилаи асарҳои Мусаввири халқии Ӯзбекистон Шомаҳмуд Муҳаммадҷонов «Бо Роҳи бузурги абрешим» мебошанд.

— Бисёр асарҳои Камолиддини Беҳзод дар осорхонаҳо, галереяҳо ва китобхонаҳои калони Олмон, Фаронса, Британиёи Кабир, ИМА, Ҷумҳурияти Мисри Араб маҳфузанд, — гуфт директори боғи ба номи Камолиддини Беҳзод ва Осорхонаи санъати миниатура, Арбоби шоистаи санъати Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ортиқали Қазоқов. — Аз он ҷумла, дар осорхонаҳои Британиёи Кабир, Китобхонаи давлатии Санкт-Петербург бисёр миниатураҳо ба «Хамса»-и Навоӣ маҳфузанд. Алҳол барои вусъат додани шумораи нигоҳои осорхона гуфтушунидҳо бо safоратхонаҳои Британиёи Кабир ва Россия дар Ӯзбекистон дар хусуси гирифтани нусхаи ин асарҳо давом доранд. Ҳоли ҳозир Консепсияи Осорхонаи санъати миниатура таҳия мегардад.

Мувофиқи консепсияи мазкур дар ошёнаи якуми толори намоишгоҳ намунаҳои эҷодиёти намояндагони санъати кунунии миниатура ва маълумотҳо дар хусуси онҳо ҷойгир карда мешаванд. Масалан, дар ин ҷо мероси эҷодии мусаввирони номдор, аз қабили Чингиз Аҳмаров, Телман Муҳаммедов, Искандар Икромов намоиш дода мешавад, ки ба рушди санъати миллии миниатура саҳми беандоза гузоштаанд. Ҳамчунин асарҳои намояндагони мактаби кунунии санъати миниатура ба намоиш гузошта мешаванд. Дар ошёнаи минбаъда асосан миниатураҳои Камолиддини Беҳзод, асарҳо бахшида ба мактаб ва мероси эҷодии вай маскан пайдо мекунанд. Нусхаи асарҳои намояндагони мактаби миниатура, ки ҳангоми ҳаёт будани Камолиддини Беҳзод дар Эрон, Ҳиндустон, Ҷумҳурияти Мисри Араб арзи ҳастӣ кардаанд, низ дар ҳамин ҷо ҷо пайдо мекунанд. Дар ин ҷо ҳамчунин асбобу ускунаҳо гузошта мешавад, ки барои офаридани асарҳои миниатурӣ заруранд. Баробари ин ҳуҷҷатҳое пешкаши тамошогарон мегарданд, ки дар бораи нақш ва аҳамияти эҷодиёти Камолиддини Беҳзод дар санъати ҷаҳони миниатура гувоҳӣ медиҳанд.

Б. МАНСУРОВ, мухбири ЎзА.

Ҳифзи манфиатҳои меҳнаткашон

Ба мақсади таъмин кардани баробарҳуқуқии субъектҳои хоҷагидорӣ дар мамлакатамон ва такмилдиҳии муносибатҳои шартномавӣ эътибори ҷиддӣ медиҳанд. Дар айни замон дар байни хоҷагиҳои деҳқониву фермерӣ ва корхонаҳои мухталиф имзо кардани шартномаҳо оид ба истеҳсоли маҳсулот, хизматрасонӣ, қабули маҳсулот идома дорад.

Соли гузашта ба бисёр деҳқонону фермерон барои маҳсулоти тайёркардаашон аз рӯи шартнома сари вақт пул дода шуд, вале ҳолатҳои риоя накардан ба шартҳои шартномаҳое, ки дар байни деҳқонон ва корхонаҳо оид ба хизматрасонӣ ба имзо расидааст, ҷой доштанд.

Агар ба таҳлили иҷрои муносибатҳои шартномавӣ дар соли гузашта, ки раёсати вазорати адлия оид ба назорати иҷрои ӯҳдадориҳои шартномавӣ аз ҷониби субъектҳои хоҷагидорӣ тайёр кардааст, мурочиат намоем, дидан мумкин аст, ки дар баъзе ҳолатҳо беадолатиҳо нисбат ба меҳнаткашони оддие, ки маҳсулоти кишоварзӣ меруёнанд, ба чашм мерасанд.

Танҳо як мисол меорем. Хоҷагии фермерии «Фирӯза»-и ноҳияи Музработи вилояти Сурхондарё дар бораи шудгор кардани 10 гектар майдон бо сарои мошинию трактори шартнома имзо карда буд.Аммо маъмурияти сарои мошинию трактори ба талаби салоҳиятдори роҳбарияти хоҷагии фермерӣ эътибор надод. Дар натиҷа замин шудгор нашуд, фермер ҳосили дилхоҳ руёнда натавонист. Агар кор сари вақт иҷро карда мешуд, хоҷагӣ ба ҳисоби миёна аз ҳар гектар 22-23 сентнерӣ пахта рӯёнда, зиёда аз ду миллион фоида гирифта метавонист.

Ба ҳамин муносибат фермер ба раёсати вилоятии адлия мурочиат намуда, хоҳиш намуд, ки ҳуқуқашро ҳимоя намояд. Раёсати адлия ба суд дар бораи аз шахсони гунаҳкор ситондани маблаги фоидаи софе, ки фермер бояд дар давоми як сол мегирифт, инчунин сад ҳазор сӯм барои зарари маънавӣ аризаи давой дод.

Н. АБДУРАҲИМОВА, мухбири ЎзА.

Хабарҳо аз Бухоро

Ғояи истиқлоли миллӣ

Дар литсеи академии ноҳияи Ф.Хӯҷаеви шаҳри Бухоро бо ташаббуси раёсати таълими миёнаи махсус, касбу ҳунари ҳокимияти вилоят ва шӯъбаи вилоятии Маркази «Маънавият ва маърифат» семинар ба амал омад, ки он ба Амри Президенти Ӯзбекистон дар бораи таҳияи дастуруламалҳо оиди фанни «Ғояи истиқлоли миллӣ! мафҳум ва тамоилҳои асосӣ» ва ба низоми таълим ҷорӣ намудани он бахшида шуд.

Дар кори семинар директорони мактабҳои миёнаи махсус, литсейҳои академӣ, коллеҷҳои касбу ҳунар, ҷонишинони онҳо оиди корҳои маънавияту маърифат, омӯзгорони ин фан иштирок намуданд.

Онҳо аз маъруҳаҳои мудири кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Бухоро, досент С.Рауфов, раиси ширкати радиою телевизиони вилоят, досент Ф.Аминов, раиси Шӯъбаи вилоятии Бунёди «Нуронӣ», досент О.Вафоев, мудири кафедраи «Таъриҳи Ӯзбекистон»-и Институти технологияи хӯрокворӣ ва саноати сабук, досент Х.Рауфов оиди масъалаҳои умдатарини таълиму тарбияи ғоявии ҳонандагон баҳравар гардида, ба саволҳояшон ҷавоб пайдо карданд.

Лотореяи хайрия

Маълум аст, ки мусобиқаҳои варзишии «Универсиада-2002» моҳи маи соли ҷорӣ дар шаҳри Бухоро баргузор мегардад. Аз ин рӯ як қатор тадбирҳои муҳими омодагардӣ ба амал бароварда мешаванд.

Мувофиқи барномаи тайёрӣ ба «Универсиада-2002» ҳокими вилоят дар бораи 30-31 март дар шаҳри Бухоро гузарондани тиражи лотореяи пулиё молии хайрия фармони махсус қабул карда буд.

Соҳибони стипендияи байналхалқӣ

Ҳамкории Донишкадаи тиббии Бухоро ба номи Абӯалӣ ибни Сино бо Институти тараққиёт (таҷдид) ва маданияти Осиёву Ҷуриёи Ҷанубӣ самараи истиқлол аст. Барои муайян намудани довталабони стипендия байни талабагони иқтидорнок гузарондани санҷишҳои тестӣ ба ҳукми анъана даромадааст. Баъди гузарондани чунин тадбир шаш нафар ғолиб муайян гардид, ки онҳо дар давоми шаш моҳ кӯмакҳарҷии ба номи Ян Ю Сикро (60 ҳазор сӯмӣ) мегиранд.

Ректори институт, профессор Р.Аҳмедов, декани факултети стоматология Ҷ.Юнусов, ассистенти кафедраи стоматологияи ортопедӣ Фазлиддин Эгамов, ассистенти кафедраи стомотологияи терапевтӣ Саодат Зокирова, донишҷӯёни курси IV Рустам Давронов, Лару Аҳмедов, талабагони курси сеюм Лазиз Эшов, Алибек Ҳамроевро бо стипендияи байналхалқӣ табрику муборакбод гуфтанд.

Ғолибон

Раёсати таълими халқии вилоят якҷоя бо шӯъбаи вилоятии Маркази «Маънавият ва маърифат» озмуни «Омӯзгори беҳтарини соҳаи таълими маънавият»-ро гузаронд. Ин озмун саравваи дар мактаб, баъд дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ба амал омад.

Марҳалаи сеюми озмун дар шаҳри Бухоро шуда гузашт.

Дар он омӯзгори мактаби рақами ҳаштуми ноҳияи Когон Назокат Каримова ғолиб баромад.

Ба муаллимаи мактаби рақами 1 ноҳияи Қаравулбозор Дилбар Қурбонова ва омӯзгори мактаби рақами 38 ноҳияи Шофиркон Назира Каримова ҷои дуюм, ба Латофат Беҳбудова (мактаби рақами 25 ноҳияи Ҷондор), Нодира Нуриддинова (мактаби сенздаҳуми шаҳри Бухоро), Сабоҳат Иброҳимова (мактаби рақами 17 ноҳияи Бухоро), Гулшан Нуралиева (мактаби панҷуми шаҳри Когон) ҷои сеюм насиб кард.

Ғолибон бо ифтихорномаю мукофотҳои пулӣ сарфароз гардиданд.

Омад

Соли нав барои сокини ноҳияи Рометан Олим Ҷӯраев бахосият омад. Вай аз лотореяи «Бахтли воқеа» мошини сабукрави «ВАЗ-2107» бурд кард.

Амрулло АВЕЗОВ.

TV Барномаи ҳафтаина

Аз 4 то 10 феврал

ДУШАНБЕ 4

Ўзбекистон I

6.00 «Ассалом, Ўзбекистон». 8.00 «Таҳлилнома». 8.45, 17.55 ТВ маркет. 8.50 Барои бачагон «Камалак». 9.25, 11.35 Маълумоти обу ҳаво. 9.30 Ҳокимияти чорум. 9.50 «Ўзбектелефилм» намоиш медиҳад: «Водил». 10.00,12.00, 14.00, 18.00 Навигариҳо. 10.05 Филми бадеии «Занчири тиллой». 11.40 Дунёи рангин. 12.05 Консерт. 12.30 Мултфилм. 12.40 Варзиш. Футболи олам. 13.00 Ҳамааш ҳазл буд. 13.30 Сериали «Ошин». 14.10 Телебозии «Тоҷи тиллой». 14.35, 16.05, 17.00 Шарҳи телевизионӣ. 14.40 Филми бадеии «Асрори оила». 16.10 Дар як лаҳза. 16.20 Телеалманахи «Ин фасли ачиб». 16.40 Таронаҳои эстрадӣ. 17.05 Офарин, раисҷо. 18.10 Барои бачаҳо «Фламинго». 18.30 Мулк. 18.45 Телелотереяи «Воқеаи хушбахтона». 19.25, 19.55, 20.25, 21.00 Эълонҳо. 19.30 «Ахбор». (русӣ). 20.00 Афсонаҳои шом. 20.15 Ахбори биржа ва бонкҳо. 20.30 «Ахбор». 21.05 Қисми якуми телефилми «Тошканд дар солҳои мустақилӣ». 21.55 Ҳунарпешагони мардумӣ баромад мекунанд. 22.15 Варзиш. 22.30 Шарофати куҳансолон. 23.00 Сериали «Дар зери кунчӣ 23,5 дарачагӣ». 23.25 Ахбор дайчест. 23.45 Тимсоли Ватан.

Ўзбекистон II

15.00 Эълони намоишҳо. 15.05 Як ҳафтаи Давр. 15.35 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 15.45 Филми бадеии «Пуфаки сехрӣ». 16.55 Як ҳафтаи варзиш. 17.10 Эълони намоишҳо. 17.15 Почтаи «Авлоди нав». «Маслиҳати доно». 17.45 Мултсериал. 18.10 Қарзи муқаддас. 18.30 Навоҳои шом. 18.40 Шуоҳои тафаккур. 18.55, 21.55 Иқлим. 19.00 Давр. 19.30 Навигариҳои иқтисод. 19.35 Шарҳи телевизионӣ. 19.40 Навоҳои ҷавонӣ. 19.55 Видеофилми «Соҳиби асп». 20.25 Овози ҷавонон. 20.45, 21.15, 22.30 Эълонҳо. 20.50 Телесериали «Эсмералда». 21.20 Аз ашъори асри XXI. 21.25 Ҳамсинни деҳотиам. 21.45 Аз ашъори суннатии ўзбек. А.Навоӣ. 22.00 Давр. 22.35 Таронаҳои шабона. 22.40 Сериали «Қаҳваи муҳаббат». 23.05 Интерфутбол. 23.50 Давр. 00.50 Шаб ба хайр.

Ўзбекистон III

17.15 Эълони намоишҳо. 17.20 Экран ба ҳурдтаракон. «Азиз». 18.20 Мултфилм. 18.30, 20.00,21.25, 22.35 Пойтахт. 18.45 Сериали «Селеста, ҳамеша Селеста». 19.10 Филми ҳуҷҷатии «Наҳаросандагон». 19.45, 21.10, 22.20 Телегазетаи «Экспресс». 19.50 Автонавигариҳо. 20.20 Сериали «Пулҳои бедардимиён». 21.40 «12 дарвозаи Тошканд». 22.55 Кинонигоҳ. Қисми якуми «Риштаи умр». 23.45 Шаб ба хайр, шаҳрам.

Ўзбекистон IV

7.30 — 9.00 Намоишҳои ТҶР. 17.00 Эълони намоишҳо. 17.05 «Вести». 17.30 Сериали «Ситораи дурахшони дилам». 18.15 Дар олам чӣ гап? 18.45 Дар меҳмонии М.Евдокимов. 19.00 Маро интизор бош. 20.00 Кӣ миллионер шудан мехоҳад? 21.00 «Время». 21.35 Сериали «Болҳои қалб». 22.15 Мавчи олмонӣ. 22.35 Филми бадеии «Дӯхтари ҷаззобу пурлатофат». 23.55 «Ахбор». (русӣ). 00.25 Шаб ба хайр.

СЕШАНБЕ 5

Ўзбекистон I

6.00 «Ассалом, Ўзбекистон». 8.00 «Ахбор». 8.35, 17.55 ТВ маркет. 8.40 Шарҳи рӯзномаҳо. 8.55 Қисми якуми телефилми «Тошканд дар солҳои мустақилӣ». 9.45 Андешаҳои деҳот. 10.00, 12.00, 14.00, 18.00 Навигариҳо. 10.05 Филми бадеии «Винои малинӣ». 11.35 Маълумоти обу ҳаво. 11.40 Ахбори биржа ва бонк. 11.50 Мултфилм. 12.05 Шарофати куҳансолон. 12.35 Оҳангҳои замини куҳан. 13.00 Ифтихорони Ўзбекистон. 13.20 Варзиш. 13.35 Сериали «Дар зери кунчӣ 23,5 дарачагӣ». 14.10, 15.45 Шарҳи телевизионӣ. 14.15 Давраи духтарон. 15.50 Мулк. 16.05 Баромади ҳунарпешагони мардумӣ. 16.25 Чемпионати Ўзбекистон аз рӯи гӯштин. 16.55 Ба Ватанам хизмат мекунам. 18.10 Барои бачаҳо «Ғунчаҳои санъат». 18.25 Орзӯи авлоди баркамол. 18.45 Инсон ва қонун. 19.05 Тафсилот. 19.25, 19.55,20.25, 21.00 Эълонҳо. 19.30 «Ахбор». (русӣ). 20.00 Афсонаҳои шом. 20.15 Навигариҳои Ўзбекистон ба забони англисӣ. 20.30 «Ахбор». 21.05 Қисми дуюми телефилми «Тошканд дар солҳои мустақилӣ». 21.55 Баромади ҳунарпешагони шоиста. 22.15 Соати парлумонӣ. 22.40 Сериали «Ошин». 23.10 Ахбор дайчест. 23.30 Тимсоли Ватан.

Ўзбекистон II

8.55 Эълони намоишҳо. 9.00 Давр. 9.15 Почтаи «Авлоди нав», «Маслиҳати доно». 9.45 Мултсериал. 10.10 Тичорат-академия. 10.25 Сериали «Эсмералда». 10.50 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 11.00Мизони адолат. 11.15 Аз ашъори суннатии ўзбек. А.Навоӣ. 11.25 Овози ҷавонон. 11.45 Журнали экологии «Оби ҳаёт». 12.05 Интерфутбол. 13.40 Телефилми «Кӯза». 14.10 Сериали «Саргузаштҳои зериобии командаи Касто». 14.55 Қарзи муқаддас. 15.15 Филми бадеии «Меҳрубонӣ». 16.45 Эълони намоишҳо. 16.50 Студияи «Авлоди нав». «Дунё ва бачаҳо». 17.10 Мултсериал. 17.35 Ҷавонон месароянд. 17.45 Такягоҳ. 18.00 Автопатрул. 18.20 Навоҳои шом. 18.30 Зуккоёни Зукко. 18.50 Мероси тиллой. 18.55, 21.55 Иқлим. 19.00 Давр. 19.30 Шарҳи телевизионӣ. 19.35 Навигариҳои иқтисод. 19.40 Давр-сӯхбат. 19.55 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 20.05 Аломати сифат. 20.10 Марди майдон. 20.30, 21.00, 22.30 Эълонҳо. 20.35 Сериали «Эсмералда». 21.05 Аз ашъори асри XX. А.Орипов. 21.10 Овози ҷавонон. 21.30 Пазмонии ғазал. А.Навоӣ. 21.50 Мероси тиллой. 22.00 Давр. 22.35 Мероси тиллой. 22.40 Сериали «Қаҳваи муҳаббат». 23.05 Шуоҳои шом. 23.15 Варзиш. 23.55 Давр. 00.10 Шаб ба хайр.

Ўзбекистон III

17.15 Эълони намоишҳо. 17.20 Экран ба ҳурдтаракон. «Сағҳои баҳр». 18.25 Мултфилм. 18.30, 20.00, 21.50, 22.20 Пойтахт. 18.45 Сериали «Селеста, ҳамеша Селеста». 19.10 Филми ҳуҷҷатии «Наҳаросандагон». 19.45, 21.10, 22.05 Телегазетаи «Экспресс». 19.50 Интерварзиш. 20.20 Сериали «Пулҳои бедардимиён». 21.25 Ёдома. 22.40 Қисми дуюми филми бадеии «Риштаи умр». 23.30 Шаб ба хайр, шаҳрам.

Ўзбекистон IV

7.30 — 9.00 Намоишҳои ТҶР. 17.00 Эълони намоишҳо. 17.05 «Вести». 17.30 Сериали «Ситораи дурахшони дилам». 18.15 Дар олам чӣ гап? 18.30 Панорамаи ҳандаи Е.Петросян. 19.05 Сериали «Замини муҳаббат». 20.05 Бозии «Ҳалқаи заиф». 21.00 «Время». 21.35 Сериали «Болҳои қалб». 22.10 Х-варзиш. 22.25 Қисми якуми филми «Титаник». 24.00 «Ахбор». (русӣ). 00.30 Шаб ба хайр.

ЧОРШАНБЕ 6

Ўзбекистон I

6.00 «Ассалом, Ўзбекистон». 8.00 «Ахбор». 8.35 ТВ маркет. 8.40 Шарҳи рӯзномаҳо. 8.55 Қисми дуюми телефилми «Тошканд дар солҳои мустақилӣ». 9.45 Сехри соз. 10.00, 12.00, 14.00, 18.00 Навигариҳо. 10.05 Сабаҳҳои алифбо. 10.30 Филми бадеии «Шӯҳиҳои қадима». 12.40 Маълумоти обу ҳаво. 11.45 Барои бачаҳо «Ғунчаҳои санъат». 12.05 Тафсилот. 12.45 Орзӯи авлоди баркамол. 12.45 Чемпионати Ўзбекистон аз рӯи гӯштин. 13.15 Ринг. 13.30 Сериали «Ошин». 14.10 Остонааш аз тилло. 14.35 Шарҳи телевизионӣ. 14.40 Қисми якуми филми бадеии «Маҳбуси қалъаи Иф». 15.45 Соати парлумонӣ. 16.10 Дар оилаи ягона. 16.40 Мусиқӣ: дируз ва имрӯз. 17.00 Инсон ва қонун. 17.20 Экран ба ҳурдтаракон. 17.40 Ўзбекистон: ҷавонони асри XXI. 18.10 Тандурустӣ. 18.25 Зан оламро мечунбонад. 18.45 Мулк. 19.05 Умри ба санъат бахшидашуда. М.Исроилов. 19.25, 19.55,20.25, 21.00 Эълонҳо. 19.30 «Ахбор». (русӣ). 20.00 Афсонаҳои шом. 20.15 Як чӯфт суруд. 20.30 «Ахбор». 21.05 Консерти ансамбли «Лазги». 21.30 Варзиш. 21.45 Сериали «Ошин». 22.15 Чемпионати Ўзбекистон аз рӯи гӯштин. 22.45 Клуби ТВ. 23.10 Ахбор дайчест. 23.30 Тимсоли Ватан.

Ўзбекистон II

8.55 Эълони намоишҳо. 9.00 Давр. 9.15 Студияи «Авлоди нав», «Дунё ва бачаҳо». 9.35 Мултсериал. 10.00 Давр-сӯхбат. 10.15 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 10.25 Сериали «Эсмералда». 10.50 Такягоҳ. 11.05 Овози ҷавонон. 11.25 Экран ба ҳурдтаракон. «Саргузаштҳои дар моҳ рӯйдодаи Нодонак». 12.40 Ҳайрат. 13.00 Сериали «Саргузаштҳои зериобии командаи Касто». 13.45 Зуккоёни Зукко. 14.05 Варзиш. Теннис. 14.45 Мултмашҳо. 15.00 Автопатрул. 15.20 Филми бадеии «Каминаи камтарини шумо». 16.40 Эълони намоишҳо. 16.45 Биракс бачаҳо, биракс. 17.00 Студияи «Авлоди нав». «Кабутари сафед», «Театри Кичкинтой». 17.30 Мултсериал. 17.55 Сурудҳои ҷавонӣ. 18.05 Рӯ ба рӯ бо оташ. 18.20 Далел ва шарҳ. 18.35 Навоҳои шом. 18.45 Каталог. 18.55, 21.55 Иқлим. 19.00 Давр. 19.30 Навигариҳои иқтисод. 19.35 Шарҳи телевизионӣ. 19.40 Сират. 20.00 Спортлото. 20.10 Дастарҳони пурфайз. 20.25 Сурудҳои ҷавонӣ. 20.35 , 21.05, 22.30 Эълонҳо. 20.40 Сериали «Эсмералда». 21.10 Ҳандалак. 21.30 Асрори чемпион. 21.50 Мероси тиллой. 22.00 Давр. 22.35 Таронаҳои шабона. 22.40 Сериали «Қаҳваи муҳаббат». 23.05 Интерфутбол. 23.50 Давр. 00.50 Шаб ба хайр.

Ўзбекистон III

17.15 Эълони намоишҳо. 17.20 Сериали «Санта Барбара». 18.00 Экран ба ҳурдтаракон. «Аз кайҳон омадагон». 18.30, 20.00, 21.25, 22.25 Пойтахт. 18.45 Сериали «Селеста, ҳамеша Селеста». 19.10 Филми ҳуҷҷатии «Наҳаросандагон». 19.35, 21.10, 22.10 Телегазетаи «Экспресс». 19.50 Дурдона. 20.20 Сериали «Пулҳои бедардимиён». 21.40 Кураи замин. 22.45 Кинонигоҳ. «Афсонаи тирамоҳ». 00.15 Шаб ба хайр, шаҳрам.

Ўзбекистон IV

7.30,9.00 Намоишҳои ТҶР. 17.00 Эълони намоишҳо. 17.05 «Вести». 17.30 Сериали «Ситораи дурахшони дилам». 18.10 Дар олам чӣ гап? 18.25 Пирон. Дар озмуни шаъну шараф. 18.55 Сериали «Замини муҳаббат». 19.55 Телебозии «Ҳаҷрамони охирин». 21.00 «Время». 21.35 Сериали «Болҳои қалб». 22.15 Навигариҳо. 22.30 Қисми дуюми филми «Титаник». 24.00 «Ахбор». (русӣ). 00.30 Шаб ба хайр.

ҶАНҶШАНБЕ 7

Ўзбекистон I

6.00 «Ассалом, Ўзбекистон». 8.00 «Ахбор». 8.35, 17.55 ТВ маркет. 8.40 Шарҳи рӯзномаҳо. 8.55 Телефилми «Олами дар сафол акс ёфта». 9.10 Маълумоти обу ҳаво. 9.15 Клуби ТВ. 9.40 Зан оламро мечунбонад. 10.00, 12.00, 14.00, 18.00 Навигариҳо. 10.05 Филми бадеии «Буд набуд». 11.25 Мулк. 11.45 Тандурустӣ. 12.05 Экран ба ҳурдтаракон. 12.25 Истиқболи илму фан. 12.45 Варзиш. 13.00 Чемпионати Ўзбекистон аз рӯи гӯштин. 13.30 Сериали «Ошин». 14.10, 15.45, 16.55 Шарҳи телевизионӣ. 14.15 Мадҳи Ватан. 14.40 Қисми дуюми филми бадеии «Маҳбуси қалъаи Иф». 15.50 Шоирон ба бачаҳо. 16.10 Консерти ансамбли Лазги. 16.35 Мултфилм. 17.00 Намоиши ҳаҷвии «Навтаринаш ҳаст». 17.20 Варзиш. Шиддати ҷавонӣ. 17.40 Шарҳи байналхалқии «Харита». 18.10 Тележурнали «Бешбармоқ». 18.30 Телелотереяи «Нияти нек». 19.05 Инсон ва қонун. 19.25, 19.55, 20.25, 21.00 Эълонҳо. 19.30 «Ахбор». 20.00 Афсонаҳои шом. 20.15 Навигариҳои Ўзбекистон ба забони англисӣ. 20.30 «Ахбор». 21.05 Дар олами сиёсат. 21.25 Сурудамон пешкаши шумо. 21.50 Гапи рӯз. 223.10 Манзараҳои рӯҳият. 22.45 Сериали «Дар зери кунчӣ 23.5 дарачагӣ». 23.10 Ахбор дайчест. 23.30 Тимсоли Ватан.

Ўзбекистон II

8.55 Эълони намоишҳо. 9.00 Давр. 9.15 Студияи «Авлоди нав». «Кабутари сафед», «Театри Кичкинтой». 9.45 Мултсериал. 10.10 Қитъаи варзиш. 10.40 Сериали «Эсмералда». 11.05 Умедҳои истиқлол. 11.25 Экран ба ҳурдтаракон. Қисми дуюми «Саргузаштҳои дар моҳ рӯйдодаи Нодонак». 12.40 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 12.50 Аломати сифат. 12.55 Фестивали сирки ҷаҳон дар Монте Карло. 13.45 Сират. 14.05 Интерфутбол. 15.40 Сухани ҳақ. 15.55 Сериали «Саргузаштҳои зериобии командаи Касто». 16.35 Тилисми оила. 17.00 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 17.10 Эълони намоишҳо. 17.15 Студияи «Авлоди нав», «Танаффуси калон». 17.40 Мултсериал. 18.05 Овози ҷавонон. 18.25 Дар олами тиб. 18.45 Навоҳои шом. 18.55, 21.55 Иқлим. 19.00 Давр. 19.30 Навигариҳои иқтисод. 19.35 Видеофилми «Фарзандони диёри озод». 19.50 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 20.00 Қиёфаи аср. 20.20 Навоиро гӯш карда. 20.35, 21.05, 22.30 Эълонҳо. 20.40 Сериали «Эсмералда». 21.10 Мактубҳои сарбозон. 21.30 Реша ва барг. Олими навоишинос А.Ҳаитметов. 21.50 Мероси тиллой. 22.00 Давр. 22.35 Таронаҳои шабона. 22.40 Сериали «Қаҳваи муҳаббат». 23.05 Шоҳони ринг. 00.05 Шуоҳои шом. 00.15 Давр. 00.30 Сериали ҳуҷҷатии «Баҳд аз 2000 сол». 00.50 Шаб ба хайр.

Ўзбекистон III

17.15 Эълони намоишҳо. 17.20 Сериали «Санта Барбара». 18.00 Экран ба ҳурдтаракон. Қисми хотимавии «Сағҳои баҳр». 18.25 Мултфилм. 18.30, 20.00, 21.25, 22.20 Пойтахт. 18.45 Сериали «Селеста, ҳамеша Селеста». 19.10 Филми ҳуҷҷатии «Наҳаросандагон». 19.35, 21.10, 22.05 Телегазетаи «Экспресс». 19.50 Автонавигариҳо. 20.20 Сериали «Пулҳои бедардимиён». 21.40 Шаб ба хайр, шаҳрам.

Ўзбекистон IV

7.30 — 9.00 Намоишҳои ТҶР. 17.00 Эълони намоишҳо. 17.05 «Вести». 17.30 Сериали «Ситораи дурахшони қалбам». 18.15 Дар олам чӣ гап? 18.25 Телефилми «Хева». 18.35 Ченаки панҷум. 19.00 Сериали «Замини муҳаббат». 20.00 Майдони мӯъҷизаҳо. 21.00 «Время». 21.35 Сериали «Болҳои қалб». 22.15 Дурдаршан. 22.40 Филми бадеии «Се мушкетчӣ». 00.10 «Ахбор». (русӣ). 00.40 Шаб ба хайр.

ШАНБЕ 9

Ўзбекистон I

6.00 «Ассалом, Ўзбекистон». 8.00 «Ахбор». 8.35 ТВ маркет. 8.40 Шарҳи рӯзномаҳо. 8.55 Телефилми «Дуппӣ». 9.05, 10.55 Маълумоти обу ҳаво. 9.10 Ба суи ҳидоят. 9.30 Мултфилм. 11.00 Варзиш. 11.15 Телеалманахи «Маърифат». 11.35, 13.35, 16.30 Шарҳи телевизионӣ. 11.40 Ғаҳвораи тиллой. 12.15 Спектакли «Искандар». (А.Навоӣ). 13.40 Варзиш. «Авлодони Алпомиш». 14.00 Телебозии «Шаҳрчаи сарзавҚ». 14.25 Филми ҳуҷҷатии «Алишери Навоӣ». 15.15 Гулшани нафосат. 15.40 Осмони бегубори бачагӣ. 16.00 Дар оилаи ягона. (тоҷикӣ). 16.35 Филми бадеии «Паррандача».17.45 Саро, ҷавониам. 18.10 Намоиш барои ҳурдтаракон. 18.35 Олами рангин. 18.55 Асрори пазандагӣ. 19.05 Ҳаёти деҳот. 19.25, 19.55, 20.25, 21.00 Эълонҳо. 19.30 «Ахбор».(русӣ). 20.00 Афсонаҳои шом. 20.15 Навигариҳои Ўзбекистон ба забони англисӣ. 20.30 «Ахбор». 21.05 Намоиш бахшида ба рӯзи таваллуди А.Навоӣ. 22.40 Ахбор-дайчест. 23.00 Филми бадеии «Тақдират дар дасти худат». 00.10 Тимсоли Ватан.

Ўзбекистон II

7.55 Эълони намоишҳо. 8.00 Субҳи давр. 9.00 Студияи «Авлоди нав». «Ў кист? Ин чист?». 9.30 Мултсериал. 9.45 Дар олами тиб. 10.05 Навоиро гӯш карда. 10.20 Овози ҷавонон. 10.40 Сериали «Эсмералда». 11.05 Қиёфаи аср. 11.25 Шоҳони ринг. 12.10 «Ҳандалак». 12.30 Сериали «Комиссари политсия». 13.20 Варзиш. Теннис. 14.00 Филми бадеии «Чуманчӣ». 15.40 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 15.50 Сериали «Рамаяна».16.25 Эълони намоишҳо. 16.30 Студияи «Авлоди нав». «Биёед, шинос шавем». 16.50 Мултфилм. 17.10 Аз забони бача.17.40 Овози ҷавонон. 18.00 «Темурнома». 18.20 Футбол ҷамъ. 18.40 Навоҳои шом. 18.55, 21.55 Иқлим. 19.00 Давр. 19.30 Каталог. 19.40 Давр-сӯхбат. 19.55 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 20.05 Овози ҷавонон. 20.25, 21.15, 22.30 Эълонҳо. 20.35 Сериали «Комиссари политсия». 21.20 Меҳмони нохонда. 21.40 Сурудҳо бар ғазалҳои А.Навоӣ. 22.00 Давр. 22.35 Таронаҳои шабона. 22.45 Кинотақдим. 23.05 Қисми якуми филми бадеии «Саёҳати тулфори шоҳдор». 00.35 Шаб ба хайр.

Ўзбекистон III

17.15 Эълони намоишҳо. 17.20 Мултчархифалак. 17.40 Экран ба ҳурдтаракон. «Гули сурх». 18.20 Хусусигардонӣ: давра ба давра. 18.40, 20.10, 22.25 Телегазетаи «Экспресс». 18.55 Маскани тандурустӣ. 19.10 Чуғрофияи ҷаҳон. 19.55 Ҳамчун гавҳар. 20.25 Ташриф. 20.45 Сериали « Пулҳои бедардимиён». 21.35 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 21.45 Намоиши хотимавии видеофилми «Хиёбонҳои дил». 22.40 Қисми дуюми филми бадеии «Саёҳати Гулливер». 23.50 Шаб ба хайр, шаҳрам.

Ўзбекистон IV

9.00 Эълони намоишҳо. 9.05 Дурдаршан. 9.30 Соккар-клуб. 9.50 Мултмашҳо. 10.10 Панорамаи ҳандаи Е.Петросян. 10.45 Лаззат. 11.05 Навигариҳо. 11.15 Забони англисӣ барои бачаҳо. 11.40 Видеоканали «Дӯстӣ». «Умед», «Чинсен», «Бизнен мирас». 12.40 Забони олмонӣ. 16.55 Эълони намоишҳо. 17.00 Телебозии «Кӣ миллионер шудан мехоҳад?». 18.30 «Бунафша». 18.55 Балети «Сирелла». 19.35 Автострада. 19.55 Намоиши хотимавии «Ҳаҷрамони охирин». 21.00 «Время». 21.30 Ассалом, Фаронса. 21.45 Аз 7 то 70. 22.20 Кинопрофи. 22.40 Филми бадеии «Саёҳати давру замонҳо». 00.20 «Ахбор». (русӣ). 00.50 Шаб ба хайр.

ЯКШАНБЕ 10

Ўзбекистон I

6.00 «Ассалом, Ўзбекистон». 8.00 «Ахбор». 8.35 Барои бачаҳо кинодастури «Камалак». 9.10, 12.15 Маълумоти обу ҳаво. 9.15 Ғароибот. 9.30 Мултфилм. 10.00 Ба Ватанам хизмат мекунам. 11.00 Меҳри модар. 11.20 Телемусобиқаи «Стартҳои шавқовар». 11.55 Олимпиадаи гоибонаи телевизионӣ. 12.20 Навоҳои Навоӣ. 12.50 Телеминиатюраҳо. 13.25, 15.15 Шарҳи телевизионӣ. 13.30 Асрори пазандагӣ. 13.40 Қисми якуми филми бадеии «Сабрина». 14.40 Телемусобиқаи «Фикр кун, чӯй, ёб». 15.20 Қисми дуюми филми бадеии «Сабрина». 16.20 Телеалманахи «Ин фасли ачиб». 16.40 Ғаҳвари қалб. 17.00 Телелотереяи «Оқ олтин». 17.30 Аския. 18.00 Телебозии «Тоҷи тиллой». 18.25 Андешаҳои деҳот. 18.45 Варзиш. Ҷанги тан ба тан. 19.05 Ҳокимияти чорум. 19.25, 20.00, 20.25, 21.10 Эълонҳо. 19.30 «Таҳлилнома». (русӣ). 20.05 Таронаҳои эстрадӣ. 20.30 «Таҳлилнома». 21.15 Якшанбе ҳамроҳи шумо. 21.40 «Ҳамааш ҳазл буд». 22.05 Телешоуи «Арӯсу домод». 23.10 Дар олами кино. 23.40 Филми бадеии «Дӯст дар кулфат санҷида мешавад». 00.50 Тимсоли Ватан.

Ўзбекистон II

7.55 Эълони намоишҳо. 8.00 Субҳи Давр. 9.00 Студияи «Авлоди нав», «Биёед шинос шавем». 9.20 Мултфилм. 9.45 Футбол-ҷамъ. 10.05 Давр-сӯхбат. 10.20 Овози ҷавонон. 10.40 Зина ба зина. 11.10 Экран ба ҳурдтаракон. Мусобиқаҳо дар шаҳри себи калон. 11.45 Дастури ҳарбӣ-ватанпарварӣ. «Марди майдон», «Мактубҳои сарбозон». 12.25 Дастарҳони пурфайз. 12.40 Сериали «Комиссари политсия». 13.30 Ҷавонон месароянд. 13.45 Асрори чемпион. 14.05 Интерфутбол. 15.40 Ҳафтаномаи варзиш. 15.55 Сериали «Рамаяна». 16.30 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 16.35 Ҳамсинни деҳотиам. 16.55 «Реша ва барг». Олими навоишинос А.Ҳаитметов. 17.15 Сурудҳо бар ғазалҳои А. Навоӣ. 17.25 Эълони намоишҳо. 17.30 Студияи «Авлоди нав», «Вазифаи хона». 17.50 Дастури маърифии «Сайёраи сеюм». 18.40 Навоҳои шом. 18.55, 21.55 Иқлим. 19.00 Давр-навигариҳо. 19.20 То боздид дар рӯзи якшанбе. 19.35 Консерти ҳунарпешаи шоиста И.Фармонов. 19.55, 20.45, 22.30 Эълонҳо. 20.00 Сериали «Комиссари политсия». 20.50 Бозии интеллектуалии «Заковат». 21.50 Мероси тиллой. 22.00 Як ҳафтаи Давр. 22.35 Таронаҳои шабона. 22.45 Қисми дуюми филми бадеии «Саёҳати тулфори шоҳдор». 00.15 Шаб ба хайр.

Ўзбекистон III

17.15 Эълони намоишҳо. 17.20 Олами сехрӣ-ноки афсонаҳо. 17.50 Мултфилм. 18.15 ТВ ҷамъ. 18.40, 19.25, 21.55 Телегазетаи «Экспресс». 18.55 Телефакт. 19.05 «Радиус 21». 19.40 Варзиш тайм. 20.00 Мулоқоти бевositаи Тошканд ва тошкандиён. 21.00 Лаҳзаҳои мусиқӣ. 21.10 Чуғрофияи ҷаҳон. 22.10 Кинонигоҳ. «Фиреб-гарон». 23.40 Шаб ба хайр, шаҳрам.

Ўзбекистон IV

9.00 Эълони намоишҳо. 9.05 Дастури ахбору иттилоъатии «Кайфият». 10.10 Қайдҳои ғайриҳоии Дмитрий Крилов. 10.30 Ҳангоме ки ҳама дар хонаанд. 11.05 Филми бадеии «Каспер-2». 12.35 Забони франсавӣ. 13.00 Навигариҳои Ўзбекистон ба забони англисӣ. 13.10 Намоиш барои ҳурдтаракон. 13.50 Видеоканали «Дӯстӣ». «РАНГИНКАМОН», «Дидор». 17.30 Эълони намоишҳо. 17.35 Барои бачаҳо «Донистан меҳоҳам». 18.00 Рӯзонаи Британия. 18.20 Мусиқӣ. 18.45 Бозиҳои XIX зимистонаи олимпӣ. Яхмолакпарӣ. 20.20 Асрори даври Юрск. 21.00 «7 рӯз». Ҷамъбасти ҳафта. 21.25 Ҳамсиннон. 21.55 Дастури мусиқии «Оҳанрабо». 22.35 Филми бадеии «Эдвард». 00.10 «Таҳлилнома». 00.40 Шаб ба хайр.

Оё шумо медонед?

Агар оби дарёҳои Ому ва Сирро дар давоми 24 сол якҷоя ҷамъ ованд, дар он сурат миқдори он ба тамоми обҳои пиряҳҳои саросари Осиёи Марказӣ баробар мешуд.

❋❋❋

Дар саросари дунё миқдори об ба 20.5 миллиард метри мукааб баробар аст.

❋❋❋

Харитаи аз ҳама қадимаи ҷуғрофӣ аз солшумории мо 2500 сол муқаддам офарида шудааст. Харитаи мазкур, ки аз лой таҳия гардидааст, алҳол дар Осорхонаи Истамбул маҳфуз мебошад.

❋❋❋

Соли 1628 шифокори машҳур В.Гирней гардиши хунро дар танаи инсон кашф кардааст. Ҳамон вақт фаҳмиш дар ин бобат ҳосил гардида буд, ки «доруро тавассути раги хун фиристодан мумкин аст». Ва тачрибаи мазкурро бори аввал духтури силезиягӣ М.Турман озмуда дид. Вай саравваллаи хуни бузғоларо ба танаи занаке фиристод, ки ба маризии пес дучор гашта буд. Баъд духтур ба организми худ ким-чӣ хел доруро фиристоду аҳволаш танг гардид.

Шифокори машҳур Гейл ҳам тавассути сӯзандору ба рагҳои худ равғани барои дигарон номаълумро фиристода, аҳволаш ниҳоят танг гашт. Ба пешонааш марг навишта нашуда будааст, баъдтар сиҳҳат ёфта умри дароз дид.

❋❋❋

Аз соли 1896 доруи «Пирамидон» барои фуровардани ҳарорат, безарар гардондани дард истифода бурда мешавад. Дере нагузашта ба сафи он аналгин ҳамроҳ гардид. Соли 1899 бошад, «Аспирин» ҳамчун доруи пастфурорандаи ҳарорат кашф гардид.

❋❋❋

Суп (шӯрбо) ихтирои итолиёвиён нест. Вале аз забони онҳо гирифта шудааст. Ин калима ба забони онҳо маънии ба ҳам омехта кардан ва нӯшиданро дорад. Дар садаи XVI чӣ будани шурборо дар Итолиё намедонистанд. Панҷсад сол муқаддам яке аз ошпазони итолиёвӣ, аниқтараш румӣ дар бораи тайёр кардани хуроке ҳарф задааст, ки он миньбад номи шурборо гирифт. «Ба деги пур аз об ман ду фунт гӯшти гов, як фунт гӯшти гусола, гӯшти мурғу кабутари ҷавонро андохтам. Баъди чӯшонидани онҳо, ба вай ҳар гуна резаворҳо ҳамроҳ кардам. Сабзавот ҳам сарф шуд. Соҳиби хонаамон ин маҳсулотро шаш ҳафта паи ҳам хурд ва бадани лоғаршудааш ҷон гирифта ба ҳаракат даромад. Ҳамин тавр шӯрбо ба миён омад, — гуфтааст итолиёвии номаълум

Имрӯзҳо итолиёвиён дар зарфҳои сирнок тайёр кардани шурборо нагз мебинанд. Испониён ҳам аз онҳо монданӣ надоранд. Шурбо дар зарфҳои сирдор хуроки миллии бисёр мамлакатҳои Африқои Ҷанубӣ гардидааст.

❋❋❋

Шоколад неъмати худододе не, балки маҳсули ақлу заковати як гурӯҳ ҳиндуён мебошад. Баробари ин ҳиндуён ба офаридани печенеҳои вафлидор аввалин шуда шӯруъ кардаанд.

❋❋❋

Тамоми хуни таркиби организми инсон тавассути дил меҳгузарад. Вай тақрибан ба ҳисоби миёна 5 литрро ташкил медиҳад. Дил агар дар ҳолати мӯътадил бошад, хуни мазкурро дар бадали як дақиқа аз ҳуд меҳгузаронад. Бо ҳамин васила дар бадали як соат 400 литр, дар бадали як рӯз бошад, зиёда аз даҳ ҳазор литр хунро ба ҳаракат медарорад. Дар давоми як сол тавассути рагҳои дил 3.5 миллион литр хун меҳгузарад.

❋❋❋

Шахсе, ки дар саросари дунё аз ҳама бештар умр дидааст, Томас Кирини инглис ба ҳисоб меравад.Дар маъхазҳо иншо гардидааст, ки ӯ 207 сол умр дидааст.

❋❋❋

Ба фикри ситорашиносони амрикӣ ситораи аз ҳама дурдаст аз сайёраамон дар масофаи 160 ҳазор соли рӯшанӣ ҷойгир шудааст.

❋❋❋

Аз рӯи ҳисобу китоби олимон аҳолии дунё соли 2000 ба 6 миллиард мерасид. Ин тасдиқи ҳудро ёфт, яъне нисбати соли 1960 ду маротиба зиёд гардид.

❋❋❋

Аз ҳама дуру дароз барф дар Парадайса, кӯҳи Рейнер, иёлати Вашингтон боридааст. Вай муддати 12 моҳ тӯл кашида, ғафсиаш 3110,2 сантиметрро ташкил намудааст.

❋❋❋

Аз ҳама калонтарин яхпора (жола) дар Коффивиллеи иёлати Канзас (ИМА) 3 сентябри соли 1970 боридааст. Вазни он ба 750 грамм баробар буд.

❋❋❋

Аз ҳама ҷои сернам Тубинендо (Колумбия) мебошад. Дар ин ҷо миқдори бориши яксола 1177 сантиметрро ташкил медиҳад.

❋❋❋

Ҷои хушкатарини ҷаҳон саҳрои Атапам (наздикии шаҳри Каламии Чили) мебошад. Дар ин ҷо дар муддати 400 сол бориш нашудааст.

❋❋❋

Аз ҳама ҷои серборишҳо ҳазираи Реюнони укёнуси Ҳинд мебошад. Дар ин ҷо 15-16 марти соли 1952-юм 87 сантиметр борон боридааст.

Шишкин - рассоми нотакрор

Дар ҳунари наққошӣ Иван ШИШКИН чӣ гуна мақом ва маъруфият дорад, барои аҳли ин соҳа маълум аст. Дар Маркази ҳунари муосири пойтахт аз ин хусус бори дигар борҳо зикр гардид.

Намоиши нусхаи асарҳои Иван Иванович Шишкин ва маҳфил ба муносибати 170 солагии таваллуди он дар якҷоягии намояндагии «Росзарубежсентр», Фарҳангистони бадеии Ўзбекистон ба амал омад, ки дар он аз бобати фаъолияти эҷодӣ, паҳлуҳои ҳаёт ва таҳсили Шишкин, ки ба таъриҳи ҳунар чун наққоши манзаратасвир дохил шуда аст, ҳарф зада шуд. Наққоши бузурги рус аз усул ва шеваи маъмулӣ ва анъанавӣ даст кашида, барои ҳуд мактаби нав офарид ва ин мактаб ба мардуми рус ва табиати он наздик ва ошно буд.

Санъатшиносон Ирина Булкина, Рафаэл Тӯхташ, рассомон Неъмат Кӯзибоев, Ҷавлон Умарбеков ва Ҳаким Мирзоаҳмадов, сарпарасти намояндагии «Росзарубежсентр» дар Ўзбекистон Владимир Полозков, сардори барномаҳои илмӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии «Росзарубежсентр» Давлатбек Саъдуллоев маҳз аз мактаби нотакрори Шишкин суҳан гуфтанд, ки дар таъриҳи ҳунари наққошӣ из